МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБИИ «АКАДЕМИЯИ ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД: 343.2/.7+343.9 (575.3)
ТКБ: 67.99 (2) 93+67.99 (2) 8 (2тоҷик)
Ҳ – 94

ҲУСЕЙНЗОДА СИНО ҲОТАМӢ

СУБЪЕКТИ ҶИНОЯТ: МАСОИЛИ НАЗАРИЯ, ҚОНУНГУЗОРӢ ВА АМАЛИЯ

АВТОРЕФЕРАТИ

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ

ДУШАНБЕ – 2026

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Роҳбари илмӣ: **Насуриён Пулод Асадулло –** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, сардори Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Муқарризони расмӣ: **Азиззода Убайдулло Абдулло** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

Шерализод Самиаллоҳи Маҳмадсаид – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муаллими калони кафедари ҳуқуқи факултети ҳуқуқ ва гумруки Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Муассисаи пешбар: Муассисаи давлатии таълимии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон» (ш. Душанбе).

Ҳимояи диссертатсия санаи «23» майи соли 2026, соати 09:00 дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак, бинои 11, ошёнаи 1, толори шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ) баргузор мегардад.

Бо мазмуни диссертатсия дар сомонаи www.tnu.tj ва Китобхонаи марказии илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо нишонии 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, шинос шудан мумкин аст.

Суроғa: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, Email: qobil9498@mail.ru. Тел: 98-894-94-05.

Автореферат «____» _____ соли 2026 тавзеъ шудааст.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ **Мирзозода Қ.Х.**

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Такмили меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти таҷриба ва андешаҳои нав яке аз роҳҳои асосии ҳадафҳои гузоштаи Ҳукумати ҶТ дар муқовимат ба ҳама намудҳои ҷиноятҳо ва таҳдиду хатарҳои замони муосир эътироф мешавад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 16-уми декабри соли 2025 зикр намуданд, ки «Нақши қонунгузорӣ дар амалӣ гардидани ҳадафҳои стратегии кишвар ва таъмин намудани рушди устувору босуръати он, амнияти ҷомеа ва давлат, таҳкими суботу оромӣ ва ваҳдати миллӣ басо муҳим ба шумор меравад. Аз ин рӯ, таҳлили ҳамаҷонибаву пайвастаи қонунгузорӣ ва таҳияи пешниҳодҳо ҷиҳати такмили он барои иҷрои ҳадафҳои стратегӣ ва барномаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар зарур мебошад» [1]. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018-2028 тасдиқ намудааст, ки «Қонунгузории ҷиноятӣ ба сифати яке аз воситаҳои муҳимми танзимсозандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ баромад намуда, манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлатро аз таҷовузҳои ҷиноятқорона ҳифз менамояд» [2].

Ба назари мо, вобаста ба муқаррароти қонунгузории ҷиноятӣ ва доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, яке аз институтҳои такмилталаб – субъекти ҷиноят ба ҳисоб меравад, ки доир ба он таҳқиқоти диссертатсионӣ гузаронида шудааст.

Дар таҳлили ҳуқуқии ҷиноятӣ доир ба институти субъекти ҷиноят асосан ба матни КҶ ҶТ такя карда мешавад, ки аломатҳои онро номбар кардааст. Бо вуҷуди ин, ҷанбаҳои муҳимми ифодакунандаи мазмуни аломатҳои субъекти ҷиноят дар қонунгузории ҷиноятӣ муқаррар нагардидаанд.

Аломатҳои субъекти ҷиноят аз қабули аввалин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ – декретҳои Шурои комиссариатҳои халқии Ҷумҳурии Шуравии Федеративии Сотсиалистии Россия «Оид ба тартиби тасдиқ ва нашри қонунҳо» аз 30-юми октябри соли 1917, то қабули КҶ ҶТ аз 21-уми майи соли 1998 марҳилаҳои таърихии инкишофёбиро тай намудааст. Субъекти ҷиноят яке

аз мафҳумҳои асосӣ дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Таҳаввули донишҳои илмӣ дар бораи субъекти ҷиноят то кунун ба ташаккули модели ягонаи назариявии субъекти ҷиноят наовардааст ва доир ба он ақидаҳо ва пешниҳодҳои гуногун ҷой доранд, яъне, барои пурра омӯхтани масъалаҳои субъекти ҷиноят ҳамеша аз мадди назари олимони соҳа дур намондааст.

Таҳқиқоти консепсияи илмии «субъекти ҷиноят» предмети таҳқиқшавандаи ҳуқуқшиносони солҳои 1940-ум асри ХХ қарор гирифта буд. Қоидаҳои асосии назария дар қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва ҶШС Тоҷикистон, аз ҷумла, дар Кодекси ҷиноятии соли 1961 ифодаи амалии худро ёфтаанд. Дар м. 22 КҶ ҶТ ибораи «субъекти ҷиноят» истифода нагардида, ба ҷойи он «шартҳои умумии ҷавобгарии ҷиноятӣ» муқаррар шудааст. Ҳамчунин, дар моддаҳои алоҳидаи КҶ ҶТ ибораҳои гуногун истифода гардидаанд, ки субъекти ҷиноятро ифода мекунанд. Мисол, ҷиноятkор (қ. 5 м. 35), шахси ҷиноят содирнамуда (м. 8, м. 41 ва ғ.), шахсе, ки ҷиноят содир намудааст (м.м. 6, 41 ва ғ.), шахси гунаҳгор (б. «г» қ. 1, қ.қ. 2 ва 6 м. 57, қ.1 м. 127), маҳкумшуда (қ. 1 м. 11(1), қ. 2 м. 46 ва ғ). Ҳамчунин, дар баробари ин, ибораи «субъекти ҷиноят» низ дар қ. 4 м. 37 қонунгузории ҷиноятӣ истифода гардидааст. Дар КМҶ ҶТ – «гумонбаршуда», «айбдоршаванда» ва «судшаванда» ва ғайра ишора гардидааст.

Тибқи тасаввуроти устувор дар ҳуқуқи ҷиноятӣ, субъекти ҷиноят шахси ҷисмонии мукаллафи ба синни ҷавобгарии ҷиноятӣ расида эътироф карда мешавад. Ин мафҳумро тибқи муқаррартоти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва адабиёти ҳуқуқшиносӣ, субъекти умумӣ низ меноманд, зеро аломатҳои зикршуда (мукаллафӣ ва синну соли ҷавобгарии ҷиноятӣ) ба ҳама субъектҳо хоссанд ва мавҷуд набудани онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки дар кирдори шахс таркиби ҷиноят ҷой надорад. Дар Кодекси ҷиноятии амалкунандаи ҶТ меъёр муқаррар шудааст, ки танҳо шахси воқеӣ субъект буда метавонад.

Дар баробари ин, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки баъзе аз муҳаққиқон ба хулосае омадаанд, ки эътироф ва дар қонунгузории ҷиноятӣ ворид намудани шахси ҳуқуқӣ ҳамчун

субъекти ҷиноят комилан асоснок аст. Ғайр аз ин, дар асри XXI рушди технологияҳои рақамӣ, хусусан зеҳни сунъӣ, ба ҳаёти иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ таъсири ҷиддӣ расонд. Системаҳои зеҳнӣ дар бахшҳои нақлиёт, тиб, молия ва амният ба таври васеъ истифода мешаванд. Бо вусъати чунин технологияҳо, эҳтимоли расонидани зарар ба манфиатҳои бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшаванда тавассути алгоритмҳо ва системаҳои худомӯз зиёд мегардад, ки зарурати дар сатҳи илмӣ баҳои ҳуқуқии ҷиноятиро тақозо мекунад.

Ҳарчанде, ки шахси воқеӣ аломати субъекти ҷиноят эътироф шавад ҳам, аммо дар КҶ ҶТ мафҳуми он муқаррар нагардидааст. Аз муқаррароти КҶ ҶТ бармеояд, ки он шахси воқеиро бо истилоҳҳои шаҳрванди ҶТ (қ.қ. 1 ва 4 м. 15, қ. 1 м. 16, м. 305, қ.қ. 1 ва 2 м. 323(1), м. 401(1) КҶ ҶТ), шаҳрванди хориҷӣ (қ.қ. 2 ва 3 м. 15, қ. 2 м. 16, м. 308 КҶ ҶТ), шахси бешаҳрванд (қ. 2 м. 16, м. 308 КҶ ҶТ), шахси бешаҳрванди дар ҳудуди ҶТ доимо истиқоматкунанда (қ.қ. 1 ва 4 м. 15, м. 401(1) КҶ ҶТ), шахси бешаҳрванди дар ҳудуди ҶТ доимо истиқоматнакунанда (қ.қ. 2 ва 3 м. 15 КҶ ҶТ), шаҳрванди дигар давлат намебошад (эзоҳ ба м. 401 КҶ ҶТ), ифода намудааст. Дар баробари ин, гуногунифодаёбии шахси воқеӣ, шахсоне, ки шаҳрвандии ду давлатро доранд, муқаррар нагардидааст.

Мукаллафӣ дар баробари шахси воқеӣ ва ба синни муқаррарнамудаи қонунгузории ҷиноятӣ расидан, аломатҳои ҳатмии субъекти ҷиноят эътироф гардида, бе онҳо, умуман, ҳамчун мафҳумҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ ҷой доштани субъекти ҷиноят ғайриимкон аст. Дар ҳоле, ки субъекти ҷиноят муқаррар набошад, пас, умуман, таркиби ҷиноят ҷой надорад. Бинобар ин, агар субъекти ҷиноят мавҷуд набошад, пас, кирдор ҳамчун ҳуқуқвайронкунӣ баҳо дода намешавад, хамчунин ҷиноят низ, яъне барои фаро расидани ҷавобгарии ҷиноятӣ мавҷуд будани мукаллафии шахс ва ба синни муқаррарнамуда расидан муҳим аст.

Ҳангоми муроҷиат ба таърихи масъала, бояд зикр кард, ки дар ҳуқуқи ҷиноятии Тоҷикистон ва қонунгузории ҷиноятии давраи солҳои 1917-1998 мафҳуми «мукаллафӣ» умуман дар қонуни ҷиноятӣ ба таври возеҳ муайян карда

нашуда буд. Аммо, новобаста аз муқаррар нагардидани мафҳуми дақиқ, бе шаку шубҳа, мукаллафӣ мафҳуми меҳварӣ барои ҷавобгарии ҷиноятӣ ва аломати ҷудонашавандаи субъекти ҷиноят эътироф мешуд. Мазмуни он дар сатҳи таҳияҳои доктриналӣ ва ҳуқуқтатбиқнамоӣ ташаккул ёфта, дар онҳо таваҷҷуҳи асосӣ ба ҳолати воқеии руҳии шахс нигаронида шуда буд. Ҷой надоштани мафҳуми мукаммали ҳуқуқии «мукаллафӣ» дар чунин санадҳои муҳими меъёрии ҳуқуқӣ, аз қабили Асосҳои роҳбарикунанда солҳои 1919, 1924, Кодексҳои ҷиноятии ҶШФСР (1922), ҶШС Узбекистон (1926), ҶШС Тоҷикистон (1935, 1961), инчунин, дар КҶ ҶТ соли 1998, боиси пайдо гардидани холигиҳои назаррасу норавшанӣ ва гуногунандеширо дар тавсифи он ба вуҷуд овард.

Ин ҷанба ба сабаби табиати мураккаби мукаллафӣ аҳамияти хос пайдо мекунад, зеро, он бо дарҳамтанидании зичи арзёбиҳои ҳуқуқӣ ва тиббӣ тавсиф меёбад. Набудани муқаррароти дақиқи меъёрии ҳуқуқии мукаллафӣ, робитаи мутақобилаи онҳо ва ҳудуди истифодаашон дар ҳолатҳои гуногун, бешак, зарурати анҷом додани таҳқиқоти ҳамаҷониба ва байнисоҳаиро доир ба мукаллафӣ ҳамчун категорияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба миён меорад. Ин имкон медиҳад, ки ба ягонагии равиш дар бандубасти кирдорҳо ноил гардида, сатҳи пешгӯишавандагӣ дар ҷараёни татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ баланд бардошта шавад.

Дар КҶ ҶТ бори аввал мафҳуми «мукаллафии маҳдуд» муқаррар карда шуд. Дар сатҳи қонунгузорӣ муқаррар намудани меъёри вобаста ба мукаллафии маҳдуд натиҷаи баҳсҳои тӯлонии илмӣ мебошад, ки асосан дар атрофи масъалаҳои татбиқи ин навоварии ҳуқуқӣ сурат гирифтааст. Институти ҳуқуқии мукаллафии маҳдуд дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ яке аз мавзуъҳои душвор ва камомӯхташуда ё мушкиломӯхташаванда ба ҳисоб рафта, хулосаи умумиэътирофшударо надорад. Масъалаи мукаллафии маҳдуд муддати тӯлонӣ то ҳадде кам таҳқиқ шудааст, ки ҳуқуқшиносон бештар ба дастовардҳои рушди босуръати психиатрияи судӣ дар ин самт такя менамуданд. Дар шароити кунунӣ низ муносибати тиббӣ ба ин масъала, дар маҷмуъ, ҳифз гардидааст.

Татбиқи консепсияи мукаллафи маҳдуд дар амал аксар вақт мушкилот эҷод мекунад. Онҳо бо набудани тасаввуроти дақиқ дар бораи он, ки кадом бемориҳои руҳӣ мукаллафиро маҳдуд мекунанд, бидуни пурра истисно кардани он, инчунин, бо давомнокӣ ва дараҷаи маҳдудияти он алоқаманданд.

Номукаллафӣ дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун баръакси мукаллафӣ баҳо дода мешавад. Агар ба нуқтаи назаре, ки «мукаллафӣ ифодаи худро аз мафҳуми номукаллафӣ меёбад» такя намоем, пас, бояд на «мукаллафӣ ифодаи худро аз номукаллафӣ меёбад», балки, баръакс «номукаллафӣ ифодаи худро аз мукаллафӣ меёбад», зеро нишонаи ифодакунандаи субъекти ҷиноят «мукаллаф будан» аст. Агар шахс бинобар бемории руҳӣ, парешонҳолии муваққатии руҳӣ, заъфи ақл ё дигар ҳолати бемории руҳӣ наметавонист моҳият ва хусусияти ба ҷамъият хавфнокии кирдори худро (ҳаракат ё беҳаракатиро) дарк намояд ё онро идора кунад, чунин шахс наметавонад ҳамчун субъекти ҷиноят эътироф гардад. Ба шахсе, ки дар ҳолати номукаллафӣ ҷиноят содир мекунад, чораҳои маҷбурии хусусияти тиббидошта таъйин карда мешавад. Ин ҳолат бо он асос меёбад, ки дар чунин вазъиятҳо имконияти ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс ва таъйини ҷазо пурра истисно мегардад, зеро унсури асосии гуноҳ мавҷуд нест.

Аломати дигари субъекти ҷиноят, ин расидан ба синни муқаррарнамудаи қонунгузории ҷиноятӣ эътироф мегардад. Маҳз синни субъекти ҷиноят яке аз маҳаки асосӣ барои муқаррар кардани ҷавобгарии ҷиноятии ӯ мебошад. То ҳол дар илми ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ «мафҳуми доктриналии синни субъекти ҷиноят» муқаррар нагардидааст. Ҳамчунин, қонунгузории ҷиноятии ҶТ ҳадди ақали синни ҷавобгарии ҷиноятиро муқаррар карда, вале ҳадди болоии ҷавобгарии ҷиноятиро ифода накардааст, ки он бо хусусиятҳои синнии субъекти махсуси ҷиноят муайян карда мешавад. Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ субъекти махсуси ҷиноят эътироф шудааст, вале то ҳол байни олимон доир ба мафҳуми умумиэътирофшудаи он нуқтаи назари гуногун иброз гардида, мафҳум ва таснифи ягонаи он ҷой надорад.

Эътироф намудани шахси воқеӣ ҳамчун субъекти махсуси ҳуқуқвайронкунӣ, аз ҷумла ҷиноят, бояд дорои ду талабот бошад. Якум, бояд ба талаботи умумии қонунгузории ҷиноятӣ мутобиқ бошад, яъне, мукаллаф ва ба синни муқарраркардаи ҷавобгарии ҷиноятӣ расида бошад. Дуюм, чунин шахс бояд дорои аломатҳои иловагӣ ва хусусияти хоси худ бошад. Чунин аломатҳои махсус ё бевосита дар диспозитсияи моддаи Қисми махсуси қонунгузории ҷиноятӣ нишон дода мешаванд ё аз мазмуни он бармеоянд. Аз ин бармеояд, ки субъекти махсуси ҷиноят дорои ҳамон аломатҳоест, ки ба субъекти умумии ҷиноят хоссанд, инчунин, дорои ҳадди ақал як аломати иловагии махсус мебошад.

Вобаста ба ин ва дигар масоили субъекти ҷиноят, зарурати гузаронидани таҳқиқот муҳим эътироф мегардад.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Вобаста ба баъзе паҳлуҳои таърихиву назариявии субъекти ҷиноят ва аломатҳои он, дар таълифоти олимони соҳаи ҳуқуқшиносии ватанӣ таҳқиқ гардидаанд. Аз ҷумла, У.А. Азиззода [3; 18], И.Ҳ. Бобоҷонзода [4], М.М. Акилова [19], Н.А. Қудратов [6; 16], А.А. Қурбонзода [33], З.Ҷ. Маҷидзода [12], Қ.Х. Мирзоев [7], П.А. Насуриён [14], Н.Ҷ. Назарзода [14], Р.Ҳ. Раҳимзода [9], А.И. Сафарзода [11; 17; 15], Т.Ш. Шарипов [13; 15], К.Ҳ. Солиев [9; 10], Н.А. Ғаффорӣ [5; 13], О.И. Сайдализода [38], М.И. Иброҳимзода [29] ва дигарон.

Ҳамзамон, як қатор олимони хориҷӣ, аз қабили Н.В. Артеменко [20], Р.И. Бабиченко [21], Л.В. Борових [22; 23], М.З. Вовк [24], С.Е. Дидик [25], С.В. Долгова [26], Е.О. Душкина [27], В.И. Жуковский [28], Н.Г. Иванов [30], А.Д. Кононов [31], Д.А. Кузмин [32], Н.М. Мирошниченко [34], Р.И. Михеев [35], В.Ф. Мороз [36], Г.В. Назаренко [37], В.Г. Павлов [8], Н.В. Сараев [39], Н.А. Селезнева [40], И.А. Семенсова [41], Д.В. Сирожидинов [42], Б.А. Спасенников [43], Р.Р. Тугушев [44] ва дигарон дар доираи субъекти ҷиноят ва ин ё он аломатҳои он таҳқиқоти диссертатсионӣ гузаронидаанд.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи мавзуи илмии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2

Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Такмили қонунгузории ҷиноятии ҶТ дар самти ҷиноятҳои хусусияти террористӣ, экстремистӣ, гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар ва коррупсионидошта (2021-2025)» ва кори илмӣ-таҳқиқотии Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Хусусиятҳои пешгирӣ ва воситаҳои мубориза бо зуҳуроти ифротгароӣ ва тундгароӣ дар муҳити ҷавонони ҶТ (2023-2028)», ки аз ҳисоби буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ мегардад, алоқаманд мебошад.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқот. Мақсади асосии таҳқиқоти мазкур дар мушаххас намудани масоили шахси воқеӣ, мукаллаф будан ва синни ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун аломатҳои субъекти ҷиноят, инчунин, мукаллафии маҳдуд ва номукаллафӣ бо роҳи таҳқиқоти васеъ, ҳамчунин, таҳияи хулоса ва пешниҳодоти аз ҷиҳати қонунгузорӣ, назария ва амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ асоснокгардида ҷиҳати такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба масоили субъекти ҷиноят мебошад.

Вазифаҳои таҳқиқот. Барои расидан ба мақсадҳои гузошташудаи таҳқиқот, баррасии масоли зер дар назар аст:

– таҳлили рушди таърихи меъёрҳои қонунгузорӣ оид ба субъекти ҷиноят дар Тоҷикистон;

– таҳлил, баррасӣ ва ба эътибор гирифтани муқаррароти қонунгузории ҷиноятии баъзе давлатҳои муосир, аз ҷумла, давлатҳои аъзои ИДМ оид ба субъекти ҷиноят;

– таҳқиқи ҳуқуқии ҷиноятии шахси воқеӣ ҳамчун аломати субъекти ҷиноят тибқи назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– таҳлили ҳуқуқии ҷиноятии мукаллафии шахс ҳамчун аломати субъекти ҷиноят тибқи назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– таҳлили ҳуқуқии ҷиноятии шахси дорои мукаллафии маҳдуд тибқи назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ, амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ ва қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– таҳлили ҳуқуқии ҷиноятии шахси номукаллаф тибқи назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ, амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ ва қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– таҳлили ҳуқуқии ҷиноятии расидан ба синне, ки аз он ҷавобгарии ҷиноятӣ оғоз мегардад, ҳамчун аломати субъекти ҷиноят тибқи назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва қонунгузории ҷиноятии ҶТ;

– таснифи субъекти махсуси ҷиноят;

– таснифи хусусиятиҳои синнии субъекти махсуси ҷиноят тибқи қонунгузории амалкунандаи ҶТ;

– мушаххас намудани ҳадди аксари синни субъекти махсуси ҷиноят тибқи қонунгузории ҷиноятии ҶТ;

– таҳияи тавсия ва пешниҳодоти мушаххас ҷиҳати такмили назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва қонунгузории ҷиноятии ҶТ.

Объекти таҳқиқот. Объекти таҳқиқотро муносибати ҷамъиятӣ дар самти таҳқиқи илмӣ-амалӣ ва ҳуқуқии ҷиноятии субъекти ҷиноят ташкил медиҳад.

Мавзуи (предмет) таҳқиқот. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро маҷмӯи масоили назария, амалия ва муқаррароти қонунгузории ҶТ вобаста ба субъекти ҷиноят, ҳамчунин, ҷузъиятҳои қонунгузории ҷиноятии баъзе давлатҳои хориҷӣ оид ба муқаррароти субъекти ҷиноят ташкил медиҳад.

Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот). Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ марҳилаҳои инкишофёбии аломатҳои субъекти ҷиноят ду давраи рушди қонунгузории ҷиноятиро фарогир аст: 1) қонунгузории шуравӣ; 2) қонунгузории ҷиноятии замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон. Давраи таҳқиқоти диссертатсионӣ солҳои 2024 то 2026-ро дар бар мегирад.

Асосҳои назариявии таҳқиқотро таълифоти илмии олимони ватаниву хориҷӣ, ки ҷузъҳои мухталифи субъекти ҷиноятро таҳқиқ намудаанд, ташкил медиҳанд: Р.А. Абдуллоева, А.А. Абдурашидзода, В.А. Абдуҳамитов, У.А. Азиззода, М.М. Акилова, А.Ш. Ализода, Н.А. Ғаффорӣ, С.З. Заробидинзода, М.И. Иброҳимзода, М.М. Каримзода, Н.А. Қудратов, А.А. Қурбонзода, Ҷ.З. Маҷидзода, М.М. Муллоев,

Н.Ҷ. Назарзода, П.А. Насуриён, Р.Ҳ. Раҳимзода, О.И. Сайдализода, К.Х. Солиев, С.А. Файзиев, Х.Х. Файзуллаев, Т.Ш. Шарипов, Р.И. Шарипов, С.С. Шарипов, Р.И. Бабиченко, Л.В. Борових, С.В. Бородин, М.З. Вовк, В.С. Орлов, В.И. Жуковский, Н.Г. Иванов, В.М. Кутс, В.А. Меркулова, Н.М. Мирошниченко, Р.И. Михеев, В.Ф. Мороз, Г.В. Назаренко, В.Г. Павлов, Д.В. Сирожидинов, Б.А. Спасенников, Р.Р. Тугушев ва дигарон.

Асосҳои методологии таҳқиқот. Асоси методологиии таҳқиқотро усули диалектикии маърифати илмӣ ташкил медиҳад. Дар раванди таҳқиқот аз усулҳои умумии илмӣ (мантиқӣ, низомнокӣ, шарҳдиҳӣ, умумисозӣ, индуксия, дедуксия) ва махсуси илмӣ (усули махсуси сотсиологӣ – пурсиш ва таҳлили ҳуҷҷатҳо; усули расмии ҳуқуқӣ; усули муқоисавии ҳуқуқӣ, усули таърихию ҳуқуқӣ) истифода бурда шудааст.

Заминаҳои эмпирикӣ. Заминаҳои эмпирикии таҳқиқотро парвандаҳои тафтишотиву судии дар ҶТ баррасигардида, омори СМИТ ВКД ҶТ ташкил дода, 190 парвандаҳои ҷиноятӣ ва 20 таърихи бемории дар беморхонаи ҷумҳурии клиникии бемориҳои равонӣ, мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд.

Навгонии илмии таҳқиқот. Таҳқиқоти мазкур бори нахуст дар сатҳи диссертатсионӣ дар мавзуи субъекти ҷиноят ба ҳисоб рафта, назарияҳои навро оид ба мафҳумҳои «субъекти ҷиноят», «мукаллафӣ», «синни субъекти ҷиноят», «номукаллафӣ», «мукаллафии маҳдуд» ва «хусусиятҳои синни субъекти махсуси ҷиноят» дар бар мегирад. Дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, маълумоти оморӣ, инчунин, таҳлили доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, ба миён омадани зарурати мушаххас намудани мафҳуми «субъекти ҷиноят», «шахси воқеӣ ҳамчун аломати субъекти ҷиноят», «мукаллафии субъекти ҷиноят», «синни субъекти ҷиноят» ва «хусусиятҳои ҳадди аксари субъекти махсуси ҷиноят», ки то ин замон дар сатҳи қонунгузорӣ ва дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ муайян карда нашудаанд, асоснок карда шудааст.

Андешаҳои муаллиф роҷеъ ба такмили меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масоили субъекти ҷиноят пешниҳод гардидааст.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда. Таҳқиқоти илмии анҷомдодашуда имкон медиҳад, ки нуктаҳои илмии зерин ба ҳимоя пешниҳод карда шаванд:

1. Вобаста ба доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, қонунгузорӣ ва амалия муаллиф дар консепсияи илмии худ мафҳуми «субъекти ҷиноят» ва аломатҳои онро пешниҳод намудааст, ки барои мукаммалнамоии қонунгузории ҷиноятӣ аҳаммияти хос доранд:

– «Моддаи 22. Субъекти ҷиноят. Субъекти ҷиноят шахси воқеие мебошад, ки дар вақти содир намудани ҷиноят мукаллаф аст ва ба синни муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс расидааст»;

– илман асоснок карда шудааст, мафҳуми «шахси воқеӣ» дар КҶ ҶТ муқаррар карда шавад: «Моддаи 22(1). Шахси воқеӣ. Таҳти мафҳуми шахси воқеӣ дар ҳамин Кодекс шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрванди хориҷӣ, шахси бешаҳрванди доимо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқоматкунанда, шахси бешаҳрванди доимо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқоматнакунанда ва шахсе, ки шаҳрвандии ду давлатро доро мебошад, фаҳмида мешавад»;

– мафҳуми «мукаллафӣ» дар КҶ ҶТ ба таври зерин ворид карда шавад: «Моддаи 22(2). Мукаллафӣ. Шахси воқеие, ки дар вақти содир намудани ҷиноят хусусияти воқеии ба ҷамъият хавфноқӣ ва зиддиҳуқуқӣ будани кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) худро дарк ва онро идора карда метавонад, мукаллаф эътироф мешавад».

2. Бо дарназардошти муқаррароти қонунгузории ҷиноятӣ, доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва баррасии синни субъекти ҷиноят, мафҳуми «синни субъекти ҷиноят» пешниҳод шудааст ва мувофиқи он синни субъекти ҷиноят – ин миқдори муайяни солҳои бо қонунгузории ҷиноятӣ муқаррарнамудаест, ки дар сурати содир намудани ҷиноят бо расидан ба он шахс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад. Вобаста ба муайян намудани мафҳуми «синни субъекти ҷиноят», пешниҳод гардидааст, ки номи моддаи 23 КҶ ҶТ «Синни субъекти ҷиноят» ифода карда шавад.

3. Вобаста ба баррасии илмии масоили мукаллафии маҳдуд дар ҳуқуқи ҷиноятӣ, манзур намудани чунин

пешниҳодҳоро ҷоиз шуморида мешаванд: а) дар сатҳи қонунгузории ҷиноятӣ муқаррар намудани мукаллафии маҳдуд барои татбиқи принсипи гунаҳгоркунии субъективӣ мусоидат карда, имкон медиҳад, ки ҷавобгарии ҷиноятии шахсони гирифтори парешонҳолии руҳӣ дуруст ба роҳ монда шавад; б) мафҳуми «парешонҳолии руҳӣ», ки дар заминаи ҷавобгарии ҷиноятӣ мавриди назар қарор мегирад, чунин ҳолати махсуси шахс фаҳмида мешавад, ки қобилияти ӯ барои дарк намудани хусусияти иҷтимоӣ ва дараҷаи хавфнокии кирдори содиркарда, инчунин, барои идора ва назорат кардани рафтори худ ба таври назаррас коҳиш ёфтааст. Ин ҳолат дар шароите ба миён меояд, ки шахс аз як қатор парешонҳолиҳои равонӣ ранҷ мебарад, ки бо вуҷуди таъсири манфии онҳо ба сатҳи зеҳн ва ирода, ба таври комил қобилияти ҳуқуқии ӯро истисно намесозанд. Ба ибораи дигар, чунин шахс дар маънои ҳуқуқӣ мукаллаф эътироф мегардад, аммо сатҳи маҳдудияти қобилияти зеҳнӣ ва иродаи ӯ бояд ҳамчун омили дорои аҳаммияти ҳуқуқӣ дар муайянсозии андозаи ҷавобгарӣ ва интихоби чораҳои ҷазо ба назар гирифта шавад; в) маҳаки ҳуқуқии мукаллафии маҳдуд чунин эътироф мешавад, ки дар фарқ аз шахси мукаллаф шахс дар вақти содир намудани ҷиноят на он қадар метавонист хусусияти воқеӣ ва хавфи ҷамъиятии ҳаракати (беҳаракатии) худро дарк намояд ё онро идора намояд. Аз ин бармеояд, ки маҳаки ҳуқуқии мукаллафии маҳдуд мавқеи марказиро барои эътирофи он ишғол мекунад ва ҳангоми баҳо додан бояд муайян карда шавад, ки парешонҳолии руҳие, ки мукаллафиро истисно мекунад, чи дараҷа ба кирдори ҷиноятӣ таъсир расонидааст. Яъне, ҳангоми баррасии масъалаи фарқгузории мукаллафи маҳдуд аз мукаллафӣ ва номукаллафӣ, бояд дар назар дошт, ки дар м. 25 КҶ ҶТ сухан дар бораи дараҷаи таъсири парешонҳолии дардмандонаи руҳӣ ба рафтори ҷиноятӣ меравад, наметавонист пурра хусусияти воқеӣ ва хавфи ҷамъиятии ҳаракати (беҳаракатии) худро дарк намояд ё онро идора намояд.

4. Таҳлил ва омӯзиши субъекти ҷиноятро ҷамъбаст намуда, пешниҳод мешавад, ки мафҳуми «ноболиғ», ки дар қ. 1 м. 86 КҶ ҶТ муқаррар гардидааст, дар чунин таҳрир ифода

карда шавад: «Шахсоне ноболиғ эътироф мегарданд, ки дар вақти содир намудани ҷиноят ба синни чордаҳ расидаанд, вале ба синни ҳаждаҳ нарасидаанд».

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот. Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои таҳқиқоти диссертетсионӣ низоми донишҳои мавҷударо оид ба масоили мафҳуми «субъекти ҷиноят», шахси воқеӣ будан, мукаллаф будан ва синни ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун аломатҳои субъекти ҷиноят, номукаллафӣ ва мукаллафии маҳдудро хулосабарориву ҷамъбаст ва такмил медиҳад. Назарияи илмӣ ва муқаррароти такмили қонунгузории ҷиноятӣ оид ба масоили баррасиву таҳлилгардидаи субъекти ҷиноят ҳангоми таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ вобаста ба муайян намудани аломатҳои субъективии тавсифи ҳуқуқии ҷиноятии ин ё он ҷиноят аз ҷониби дигар муҳаққиқон истифода шуда метавонад. Аз рӯйи натиҷаҳои бадастомада, ба чунин хулосаи асоснок омадан мумкин аст, ки таҳқиқоти мазкур метавонад дар рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва қонунгузории ҷиноятӣ саҳми амиқ гузошта, баҳри бартараф намудани холигиву ноқисиҳои ҷойдоштаи амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ мусоидат кунад.

Аҳаммияти амалии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки хулосаву пешниҳодоти дар таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳиягардида татбиқи худро дар соҳаҳои зерин пайдо хоҳанд кард:

– дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Маҷлиси Олии ҶТ ҳангоми такомули субъекти ҷиноят дар қонунгузории ҷиноятӣ;

– дар фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ҳангоми таҳлили аломатҳои субъективии таркиби ҷинояти мушаххас;

– дар ҷараёни таълим дар муассисаҳои олӣ ҳангоми тадриси фанҳои ҳуқуқшиносӣ – ҳуқуқи ҷиноятӣ, бандубасти ҷиноят, криминология ва ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот. Эътимоднокии таҳқиқоти диссертатсияро истифодаи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, таҳлили қонунгузории ватанӣ ва хориҷӣ, омӯзиши адабиёти умумӣ ва махсус оид ба мавзуи

таҳқиқот ва мақолаҳои илмиву рисолаҳои баъзе олимон, ки нуқтаҳои назари илмии муосирро дар бораи субъекти ҷиноят ва аломатҳои он инъикос менамояд, ифода мекунанд. Натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳо, инчунин, тавсияҳо, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ баён шудаанд, ба сарчашмаҳои қонунгузорӣ ва амалияи судӣ асос ёфта, онҳо дар заминаи маълумоти гуногуни оморӣ, ҷамъбасти амалияи судӣ ва таҳлили як қатор парвандаҳои ҷиноятӣ ба даст оварда шуда, дар асоси таҳлили Конституцияи ҶТ, КҶ ҶТ, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ, қарорҳои Пленуми Суди Олии ҶТ ва ғайра ба даст омадаанд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2025, №10 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Саҳми шахсии муаллифро таълифу эҷодиёти бевоситаи дар таҳқиқоти диссертатсионӣ, таҳлили ақидаҳои муҳаққиқон, коркарди мафҳумҳои мутобиқ ба қонунгузории ҷиноятии ҶТ, хулосаҳо ва нуқтаҳои илмии асоснок, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ифода мекунанд. Ҳамчунин, масоили дар диссертатсия таҳқиқгардида аз саҳми шахсии муаллиф далолат медиҳад. Аз ҷониби муҳаққиқ – муаллифи диссертатсия як қатор тавсияҳои назариявию амалӣ баҳри такмили минбаъдаи қонунгузории ҷинояти ҶТ вобаста ба субъекти ҷиноят пешниҳод карда шудааст.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шуда, дар ҷаласаи он муҳокима шуда, баъдан ба ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D. КОА-019 назди ДМТ тавсия шудааст. Натиҷаҳои алоҳидаи таҳқиқоти диссертатсионӣ, инчунин, хулосаву пешниҳодҳо

дар конференсияҳои зерини байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ дар шакли маъруза ироа гардидаанд:

А) байналмилалӣ:

– Конференсияи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида «25-солагии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳолат ва дурнамо», маъруза дар мавзуи «Масоили инкишофёбии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон оид ба муқаррар намудани субъекти ҷиноят» (шаҳри Душанбе, Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон 26-уми майи соли 2023);

– Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ «Мушкилоти мубориза бо ҷинояткорӣ дар фазои Авруосиё» бахшида ба «Соли маърифати ҳуқуқӣ», маъруза дар мавзуи «Некоторые вопросы о возрасте лица, привлекаемого к уголовной ответственности по УК Республики Таджикистан» (шаҳри Душанбе, Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон 10-уми майи соли 2024);

Б) ҷумҳуриявӣ:

– Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 27-ум солагии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикиситон дар мавзуи «Қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таърих, дурнамо ва рушд», маъруза дар мавзуи «Масоили муқаррар намудани зеҳни сунъӣ ҳамчун субъекти ҷиноят тибқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (шаҳри Душанбе, Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон 21-уми майи соли 2025).

– Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 16-солагии қабули Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикиситон дар мавзуи «Дастовардҳо, мушкилот, ва дурнамои инкишофи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», маъруза дар мавзуи «Критерияи (маҳаки) тиббии номукаллафӣ тибқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (шаҳри Душанбе, Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон 3-юми декабри соли 2025).

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Дар доираи муҳтавои диссертатсия 10 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар нашрияҳои илмии ватанӣ чоп шудааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, 3 боб, 7 зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо), феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ ва замимаҳо иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 244 саҳифаро дар бар мегирад.

ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ (ФИШУРДА)

Дар **муқаддима** мубрамии мавзуи тадқиқоти диссертатсионӣ ифода гардида, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, дараҷаи коркарди илмии он, объект, предмет, усулҳои асосии таҳқиқот, аҳаммияти илмӣ-назариявӣ ва амалии муайян гардида, навгонию нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда, аҳаммияти натиҷаҳои таҳқиқот, интишорот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия тавсиф гардидааст.

Боби якуми таҳқиқоти диссертатсионӣ – **«Муқаррароти умумӣ оид ба субъекти ҷиноят дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** аз ду зербоб иборат аст. Ин боб масоили таърихи рушди меъёрҳои қонунгузорӣ оид ба субъекти ҷиноят дар Тоҷикистон ва мафҳуми «субъекти ҷиноят» дар қонунгузории муосири ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро фарогир аст.

Зербоби якуми боби якум – **«Таърихи рушди меъёрҳои қонунгузорӣ оид ба субъекти ҷиноят дар Тоҷикистон»** давраҳои инкишофёбии таърихии муқаррароти аломатҳои субъекти ҷиноятро аз соли 1917 то қонунгузории ҷиноятии замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон соли 1998 фарогир мебошад.

Муаллиф зикр намудааст, ки рушди таърихии ташаккули мафҳуми «субъекти ҷиноят» ва тамоюлҳои муосири он таҷрибаи мусбат ва манфии қонунэҷодкунии наслҳои пешин ва имрӯзаро инъикос мекунад, ки дар равандҳои минбаъдаи давлатдорӣ ба эътибор гирифтани онҳо муҳим мебошад. Ин раванд самтҳои дурнамои инкишоф ва такмили меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии амалкунандаро муайян месозад.

Таҳқиқи объективонаи институтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ бидуни истифодаи усули таърихию ҳуқуқӣ имконнопазир аст, зеро маҳз ин усул имконият медиҳад, ки шароити воқеии ташаккул ва инкишофи он ошкор гардад. Бо дарназардошти ин ҳолат, дар ҳар як меъёри амалкунандаи ҳуқуқӣ унсуре аз гузашта мушоҳида мешавад.

Дар рисола зикр гардидааст, ки аз солҳои аввали таъсисёбии худ, давлати Шуравӣ дар қонунгузории ҷиноятӣ тамоюли маҳдудкунии ҷавобгарии ҷиноятро барои ноболиғон пеша намуда буд. Аксари олимони соҳаи ҳуқуқшиносӣ эътироф менамуданд, ки синне, ки аз он мумкин аст ноболиғон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шаванд, вобаста ба имконияти дарккунии ба ҷамъият хавфнокии кирдори содирнамудаашон муқаррар карда мешавад. Кӯшиши маҳдуд кардани ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғон дар шароити муайян зарурати тақвияти масъулияти онҳоро истисно намекард, ё ин ки чи хеле таҷрибаи он замон нишон медиҳад, чораҳое, ки аз тарафи комиссия оид ба ноболиғон, хусусан нисбати ноболиғони синнашон калонтар андешида мешуданд, натиҷаҳои дилхоҳеро ба бор намеоварданд. Бинобар ин, бо Қарори сессияи IV Кумитаи Иҷроияи Марказии Умумироссиягӣ даъвати нуҳум аз 11-уми ноябри соли 1922 ба м. 18 Кодекси ҷиноятии ҶШФСР тағйиру иловаҳо ворид карда шуд. Дар он муқаррар гардида буд, ки чораҳои тиббӣ-педагогӣ нисбати ноболиғони аз 14 то 16 сола на аз тарафи комиссия оид ба ноболиғон, балки, танҳо аз тарафи судҳо таъйин карда мешуданд, ки дар навбати худ, хусусияти ин чораҳо тақвият меёфтанд.

Муҳаққиқ дар зербоби мазкур оид ба муҳиммият ва таҳаввулоти муқаррароти аломатҳои субъекти ҷиноят дар қонунгузории ҷиноятии ҶШФСР соли 1922, ҶШС Узбекистон соли 1926, ҶШС Тоҷикистон соли 1935 ва ҶШС Тоҷикистон соли 1961 зикр намудааст. Ҳамчунин, таҳлили адабиёти ҳуқуқӣ, ба ӯ имкон додааст, ки дар бораи ягонагии андешаҳои олимон оид ба номгӯ ва мундариҷаи марҳилаҳои асосии рушди қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон сухан гӯяд, бинобар ин, барҳӯрдҳои гуногун ба даврабандии таърихи қонунгузории ҷиноятӣ муқаррар карда шудааст.

Доир ба рушди қонунгузории ҷиноятӣ оид ба аломатҳои субъекти ҷиноят, муаллиф дар хулосаи зербоби мазкур асоснок намудааст, ки он давраҳои зеринро дар бар мегирад: 1) солҳои 1917–1922 (қонунгузории ҷиноятӣ дар давраи таъсиси ИҶШС); 2) солҳои 1922-1926 (қонунгузории ҷиноятии ҶШФСР соли 1922); 3) солҳои 1926-1935 (қонунгузории ҷиноятии ҶШС Узбекистон соли 1926, ки ҶШСХ Тоҷикистон дар ҳайати он буд); 4) солҳои 1935-1961 (қонунгузории ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон соли 1935); 5) солҳои 1961-1998 (қонунгузории ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон соли 1961); 6) аз соли 1998 то кунун (қонунгузории ҷиноятии муосири Тоҷикистон соли 1998).

Зербоби дуюми боби якум – **«Мафҳуми «субъекти ҷиноят» дар қонунгузории муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ном дошта, дар он мауқаррароти қонунгузории ҷиноятии муосири ҶТ оид ба мафҳуми «субъекти ҷиноят» ва аломатҳои он, бахусус «шахси воқеӣ» будан, тавсиф гардидааст. Ифода гардидааст, ки «субъекти ҷиноят» яке аз мафҳумҳои асосӣ дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Таҳаввули донишҳои илмӣ дар бораи субъекти ҷиноят то кунун олимонро ба модели ягонаи назариявии субъекти ҷиноят оварда нарасонидааст ва доир ба он ақидаҳо ва пешниҳодҳои гуногун ҷой доранд, яъне, барои пурра омӯхтани масъалаҳои субъекти ҷиноят ҳамеша аз мадди назари олимони соҳа дур намондааст. Ҳамчун унсури таркиби ҷиноят, субъекти ҷиноят дорои аломатҳои ҳатмӣ ва иловагӣ мебошад. Аломатҳои ҳатмии субъекти ҷиноят дар м. 22 КҶ ҶТ муқаррар гардидаанд: шахси воқеӣ; мукаллаф; синни муқаррарнамудаи қонунгузории ҷиноятӣ (16 ва 14). Аломатҳои иловагии (факултативии) субъекти ҷиноят: дорои аломатҳои иловагие, ки ба субъекти махсуси ҷиноят хос мебошанд.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ, субъекти ҷиноят шахси ҷисмонии мукаллафи ба синни ҷавобгарии ҷиноятӣ расида эътироф карда мешавад. Ин мафҳумро субъекти умумӣ низ меноманд, зеро аломатҳои зикршуда (мукаллафӣ ва синну соли ҷавобгарии ҷиноятӣ) ба ҳама субъектҳо хосанд ва мавҷуд набудани онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки дар кирдори шахс таркиби ҷиноят ҷой надорад. Дар Кодекси ҷиноятии

амалкунандаи ҶТ меъёр муқаррар шудааст, ки танҳо шахси воқеӣ субъект буда метавонад, вале таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки баъзе аз муҳаққиқон ба хулосае омадаанд, ки эътироф ва дар қонунгузории ҷиноятӣ ворид намудани шахси ҳуқуқӣ ҳамчун субъекти ҷиноят комилан асоснок аст ва доир ба ин назар муҳаққиқи диссертатсия бо асосҳои кофӣ онро эътироф накардааст.

Муаллиф зикр намудааст, ки субъекти ҷиноят шахси воқеии мукаллафе, ки ба синни муқаррарнамудаи КҶ ҶТ расидааст (м. 22 КҶ ҶТ). Ғайр аз ин, худи модда «Шартҳои умумии ҷавобгарии ҷиноятӣ» ном дорад. Баъзе ҳуқуқшиносон бар ин назаранд, ки метавон тахмин кард, ки мафҳуми «субъекти ҷиноят» маҳз шарти ҷавобгарии ҷиноятӣ аст, на унсури таркиби ҷиноят. Ҷиҳати тасдиқи ин нуқтаи назар, дар м. 27 КМҶ ҶТ муқаррар гардидааст, ки «парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда намешавад ва парвандаи оғозшуда қатъ карда мешавад: ҳангоми дар кирдори содиршуда мавҷуд набудани аломатҳои таркиби ҷиноят». Равшан аст, ки агар ҳадди ақал яке аз унсурҳои таркиби ҷиноят (объекти ҷиноят, тарафи объективии ҷиноят, тарафи субъективии ҷиноят, субъекти ҷиноят) ҷой надошта бошад, пас худи ҷиноят ҳам вуҷуд надорад. Номи м. 22 КҶ ҶТ «шартҳои умумии ҷавобгарии ҷиноятӣ» муқаррар гардидааст, ки мафҳуми таркиби ҷиноятро маҳдуд месозад. Шарти ҷавобгарии ҷиноятӣ мафҳуми васеъ буда, ба ақидаи мо танҳо бо аломатҳои субъекти ҷиноят онҳоро маҳдуд сохтан нодуруст аст. Аломатҳои субъекти ҷиноят дар умум як шарти ҷавобгарии ҷиноятро таъмин карда метавонад. Ғайр аз ин, ба назари муҳаққиқ шартҳои дигари ҷавобгарии ҷиноятӣ инҳо мебошанд: ба ин ё он муносибаи ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшаванда (объекти ҷиноят) зарар расонидан ё таҳдиди расонидани зарарро ба вуҷуд овардан; кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) барои ҷамъият хавфноке, ки ба объекти ҷиноят равона гардидааст (тарафи объективии ҷиноят); гунаҳгории субъективӣ (тарафи субъективии ҷиноят) ҷой дошта бошад. Бар замми ин, дар м. 11 КҶ ҶТ асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар гардидааст, ки тибқи он асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ содир намудани кирдоре мебошад, ки дорои тамоми аломатҳои таркиби ҷинояти дар

ҳамин Кодекс пешбинигардида аст. Агар номи м. 22 «Субъекти ҷиноят» мебуд, пас аломатҳои дар матни он муқарраргардида ба номаш дақиқан мувофиқат мекард. Бинобар ин, муаллиф пешниҳод кардааст, ки номи м. 22 КҶ ҶТ «субъекти ҷиноят» ифода карда шавад.

Дар зербоби мазкур бо дарназардошти аломатҳои субъекти ҷиноят ва маҳакҳои он (зеҳниву иродавӣ) – ба зеҳни сунъӣ баҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ дода шуда, хулоса гардидааст, ки он бо ягон ваҷҳ субъекти ҷиноят эътироф карда намешавад.

Ҳамчунин, муаллиф оид ба шахси воқеӣ ҳамчун аломати субъекти ҷиноят ва мафҳуми худи субъекти ҷиноят нуқтаи назари илмии худро ироа намуда, вобаста ба онҳо пешниҳоди асоснок кардааст.

Боби дуюми диссертатсия – **«Мушаххаснамоии мафҳуми «мукаллафӣ», «мукаллафии маҳдуд» ва «номукаллафӣ» дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** аз се зербоб иборат мебошад. Дар боби мазкур мафҳуми мукаллафӣ ва маҳаки он, мавқеъ ва аҳаммияти ҳуқуқии ҷиноятии мукаллафии маҳдуд, мафҳум ва маҳаки «номукаллафӣ» мушаххас гардидаанд.

Зербоби аввали боби дуюм – **«Мушаххас намудани мафҳуми «мукаллафӣ» ва маҳаки он»** номгузорӣ шуда, дар он мафҳуми мукаллафии шахс ҳамчун аломати субъекти ҷиноят бо дарназардошти маҳакҳои тиббиву ҳуқуқӣ мушаххас гардидааст. Мукаллафӣ дар баробари шахси воқеӣ ва ба синни муқаррарнамудаи қонунгузории ҷиноятӣ расидан, аломатҳои ҳатмии субъекти ҷиноят эътироф гардида, бе онҳо умуман ҳамчун мафҳумҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ ҷой доштани субъекти ҷиноят ғайриимкон аст. Муаммоҳои мукаллафӣ, номукаллафӣ ва мукаллафии маҳдуд, ки дар қонунгузориҳои ҷиноятии қаблӣ (то соли 1998) ҷой доштанд, бо инкишофёбии муқаррароти комилтари худ дар КҶ ҶТ соли 1998 ифода гардидаанд. Меъёрҳои ҳуқуқии бавуҷудомада дарк ва таҳлили амиқро бо дарназардошти амалияи муқарраргардида, талаб мекунанд. Билохира, дар ин самт то ҳол зарурати бетаъхир такмил додани қонунгузории ҷиноятӣ ҷой дорад. Ақидае роиҷ аст, ки муаммои мукаллафӣ яке аз мушкилоти камтар омӯхташудаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад. Ҳангоми муроҷиат ба таърихи

масъала, муаллиф зикр менамояд, ки дар ҳуқуқи ҷиноятии Тоҷикистон ва қонунгузории ҷиноятии давраи солҳои 1917–1998 мафҳуми мукаллафӣ умуман дар қонуни ҷиноятӣ ба таври возеҳ муайян карда нашуда буд. Ҳамзамон, мукаллафӣ ҳамчун нишонаи субъекти ҷиноят дар Асосҳои роҳбарикунанда солҳои 1919, 1924, Кодексҳои ҷиноятии ҶШФСР (1922), ҶШС Узбекистон (1926), ҶШС Тоҷикистон (1935, 1961), инчунин, дар КҶ ҶТ соли 1998 низ ба таври ҳуқуқӣ муқаррар нагардидааст ва олимон бештар иброз доштаанд, ки мукаллафӣ ифодаи худро аз номукаллафӣ мегирад, бинобар ин бо дарназардошти дар қонунгузории ҷиноятӣ муқаррар гардидани мафҳуми номукаллафӣ, зарурати муқаррар кардани мафҳуми мукаллафӣ ҷой надорад. Муаллифи диссертатсия ин ақидаро қобили қабул надониста, асоснок мекунад, ки дар ҳар як парвандаи ҷиноятии мушаххас мақомоти тафтишиву судӣ пеш аз ҳама ба эҳтимолияти мукаллафии шахс такя мекунанд, яъне шахс бояд ба бемории руҳӣ мубтало набошад ва ҳаракат ё беҳаракатии худро дарк намуда, онҳоро идора карда тавонад. Дар моддаи 22 КҶ ҶТ яке аз шарти асосии ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахси воқеӣ, мукаллаф будани ӯ эътироф гардидааст, вале дар баробари ин, дар ягон моддаи КҶ ҶТ мафҳуми мукаллафӣ шарҳ дода нашудааст. Мафҳуми «мукаллафӣ» ифодаи худро аз «номукаллафӣ» намеёбад, зеро онҳо категорияҳои гуногун эътироф мешаванд. Вобаста ба ин, чуноне, ки муаллиф тасаввур мекунад, ворид намудани мафҳуми мукаллафӣ ба қонунгузории ҷиноятӣ, ҳам манфиати назария ва ҳам ба манфиати амалияи татбиқи қонунгузории ҷиноятӣ хоҳад буд.

Муаллифи диссертатсия дар зербоби мазкур мазмуни мафҳуми мукаллафӣ, ки дар қонунгузории ҷиноятӣ дар назар дошта мешавад, тавассути мавҷудияти маҷмӯи маҳакҳои ҳуқуқӣ ва тиббӣ ошкор кардааст. Маҳаки ҳуқуқии мукаллафии шахс дар хусусияти воқеии кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) ба ҷамъият хавфнокро дарк кардан ва онҳоро идора карда тавонистани шахс ифода гардидааст. Муаллиф зарур мешуморад, ки «дарк намудани зиддиҳуқуқӣ будани кирдори барои ҷамъият хавфноки худ» ҳамчун нишонаи зеҳнии маҳаки ҳуқуқии мукаллафӣ баҳо дода шавад, зеро дарк намудани

ҳолати воқеии кирдори содирнамудаашро, ки бо қонунгузории ҷиноятӣ манъ карда шудааст, ба самти татбиқи қонунгузории ҷиноятӣ эътироф мекунем. Дар муқаррароти нишонаи иродавии маҳаки ҳуқуқии шаклҳои гуноҳ (қасди бевосита ва бавосита, беэҳтиётӣ дар шакли худбоварӣ ва бепарвоӣ) «хоҳиш» дар хостан ва нахостан ифода мегардад, ки он аз нишонаи иродавии маҳаки ҳуқуқии мукаллафӣ сарчашма мегирад. Муҳаққиқ мафҳуми анъанавии маҳаки тиббии мукаллафиро ҷонибдор буда, эътироф менамояд, ки нишондиҳандаи он пеш аз ҳама солимии руҳӣ мебошад, яъне далели он, вазъияти руҳии инсон дар ҳолати меъёрӣ (муқаррарӣ, муътадил) қарор дорад. Ҳамчунин, ӯ зарур медонад, ки мафҳуми мукаллафӣ чунин эътироф гардад: «Шахси воқеие, ки ҳангоми содир намудани ҷиноят хусусияти воқеии ба ҷамъият хавфнокӣ ва зиддиҳуқуқӣ будани кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) худро дарк ва онро идора карда метавонад, мукаллаф эътироф мешавад» ва ин мафҳум барои илова гардидан ба қонунгузории ҷиноятӣ пешниҳод гардидааст.

Зербоби дуюми боби дуюм – **«Мушаххас намудани мафҳуми «мукаллафии маҳдуд»: мавқеъ, аҳаммияти ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ»** номгузорӣ гардида, дар он бори аввал мафҳум мавқеъ ва аҳаммияти ҳуқуқӣ-ҷиноятии «мукаллафи маҳдуд» таҳқиқ гардидааст. Дар сатҳи қонунгузорӣ муқаррар намудани меъёри вобаста ба мукаллафии маҳдуд натиҷаи баҳсҳои тӯлонии илмӣ мебошад, ки асосан дар атрофи масъалаҳои татбиқи ин навоварии ҳуқуқӣ сурат гирифтааст. Институти ҳуқуқии мукаллафии маҳдуд яке аз мавзуъҳои душвор ва камомӯхташуда ё мушкиломӯхташаванда дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ба ҳисоб рафта, хулосаи умумиэътирофшударо доро намебошад. Масъалаи мукаллафии маҳдуд дар давраҳои гуногун то ҳадде кам таҳқиқ шудааст, ки ҳуқуқшиносон бештар ба дастовардҳои рушди босуръати психиатрияи судӣ дар ин самт такя менамуданд. Дар шароити кунунӣ низ муносибати тиббӣ ба ин масъала, дар маҷмӯъ, ҳифз гардидааст. Татбиқи консепсияи мукаллафи маҳдуд дар амал аксар вақт мушкилот эҷод мекунад. Онҳо бо набудани тасаввуроти дақиқ дар бораи он, ки кадом беморихои руҳӣ

мукаллафиро маҳдуд мекунанд, бидуни пурра истисно кардани он, инчунин, давомнокӣ ва дараҷаи маҳдудияти он алоқаманданд. Дар Асосҳои қонунгузории ҷиноятии ИҶШС соли 1991 (бо сабаби пошхӯрии ИҶШС эътибор пайдо накард) категорияи ҳуқуқии мукаллафии маҳдуд аввалин таҷассуми қонунгузориро дар м. 15 «Мукаллафии маҳдуд» муқаррар кард: «Шахсе, ки ҳангоми содир кардани кирдори ба ҷамъият хавфнок дар ҳолати мукаллафии маҳдуд қарор дошт, яъне наметавонад аҳаммияти кирдорҳои худро пурра дарк кунад ё онҳоро бо сабаби бемории парешонҳолии руҳӣ роҳбарӣ кунад, бояд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад. Ҳолати мукаллафии маҳдуд метавонад ҳангоми таъйин кардани ҷазо ба назар гирифта шавад ва барои истифодаи чораҳои маҷбурии хусусияти тиббӣ асос гардад». Баъдан, мафҳуми мукаллафии маҳдуд бо фарогирии мазмуни дар м. 15 Асосҳои қонунгузории ҷиноятии ИҶШС соли 1991, дар м. 25 КҶ ҶТ соли 1998 мустаҳкам гардид. Мақсади дар сатҳи қонунгузории ҷиноятӣ муқаррар намудани мафҳуми мукаллафии маҳдуд – дар баробари муайян кардани мазмун, моҳият ва маҳакҳои он, равшан мегардад. Масъалаи баҳогузории ҳуқуқии ҷиноятии парешонҳолии руҳӣ, ки мукаллафиро истисно намекунанд, нисбати шахсоне, ки кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок содир кардаанд, ба шумули масъалаҳои мураккаби байнисоҳавӣ дохил мешавад, ки соҳаҳои психиатрия, психология ва илми ҳуқуқро дар бар мегирад. Зери мафҳуми парешонҳолии руҳӣ он ҳолатеро фаҳмидан мумкин аст, ки қобилияти шахсе, ки ҷиноят содир кардааст, барои дарк намудани хавфнокии кирдори содирнамуда ё идора кардани кирдори худ ба таври назаррас коҳиш ёфтааст. Ин ҳолат дар натиҷаи парешонҳолиҳо ва инҳирофоти равоние ба миён меояд, ки дар айни замон имкон медиҳанд шахс ҳамчун мукаллаф эътироф гардад.

Дар ин зербоб зикр гардидааст, ки мукаллафии маҳдуд аз рӯйи маҳакҳои ҳуқуқӣ ва тиббӣ муқаррар карда мешавад. Маҳаки ҳуқуқии мукаллафии маҳдуд чунин эътироф мешавад, ки дар фарқ аз шахси мукаллаф шахс дар вақти содир намудани ҷиноят на он қадар метавонист хусусияти воқеӣ ва хавфи ҷамъиятии ҳаракати (беҳаракатии) худро дарк намояд ё

онро идора намояд. Аз ин бармеояд, ки маҳаки ҳуқуқии мукаллафии маҳдуд мавқеи марказиро барои эътирофи он ишғол мекунад ва ҳангоми баҳо додан бояд муайян карда шавад, ки парешонҳолии руҳие, ки мукаллафиро истисно мекунад, чи дараҷа ба кирдори ҷиноятӣ таъсир расонидааст. Яъне, ҳангоми баррасии масъалаи фарқгузории мукаллафи маҳдуд аз мукаллафӣ ва номукаллафӣ, бояд дар назар дошт, ки дар м. 25 КҶ ҶТ сухан дар бораи дараҷаи таъсири парешонҳолии дардмандонаи руҳӣ ба рафтори ҷиноятӣ меравад: наметавонист пурра хусусияти воқеӣ ва хавфи ҷамъиятии ҳаракати (беҳаракатии) худро дарк намояд ё онро идора намояд. Маҳаки тиббии мукаллафи маҳдуд бо дарназардошти муқаррароти қ. 1 м. 25 КҶ ҶТ, дар ҷой доштани парешонҳолии руҳӣ, ки мукаллафиро истисно намекуна, ифода гардидааст. Дар таҳқиқоте, ки ба мавзуи мукаллафии маҳдуд бахшида шудаанд, бештар истифода бурдани «аномалияи руҳӣ»-ро ба мақсад мувофиқ мешуморанд. Дар айни замон, дар илм нуқтаи ягонаи умумиэътирофшуда оид ба муайян намудани мафҳуми «аномалияи руҳӣ» ҷой надорад ва вобаста ба ин, ин истилоҳ дар таҷрибаи психиатрияи муосири Тоҷикистон истифода бурда намешавад. Ҳамчунин, таҷрибаи судию тафтишотии Тоҷикистон муқаррар намудани мукаллафии маҳдуд тибқи муқаррароти м. 25 КҶ ҶТ ба назар намерасад. Яъне, таҷриба нишон медиҳад, ки хулосаҳои экспертизаи психиатрияи судӣ танҳо ба номукаллаф будани шахс манзур карда мешаванд. Вобаста ба ин ҳолат, муаллифи диссертатсия пешниҳод кардааст, ки дар КМҶ ҶТ тартиби муайян кардани ҳолати мукаллафии маҳдуди субъекти ҷиноят муқаррар карда шавад.

Зербоби сеюми боби дуюм ба масъалаи **«Мушаххас намудани мафҳуми «номукаллафӣ»: мафҳум ва маҳаки он»** бахшида шудааст.

Дар зербоби мазкур мафҳуми номукаллафӣ бо дарназардошти маҳакҳои ҳуқуқӣ ва тиббӣ мушаххас гардида, дар он муҳаққиқ хулосаҳои худро асоснок пешниҳод намудааст. Ӯ зикр намудааст, ки номукаллаф субъекти ҷиноят эътироф намешавад. Ба шахсе, ки дар номукаллафӣ ҷиноят содир мекунад, чораҳои маҷбурии хусусияти тиббидошта

таъйин карда мешавад, зеро ӯ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад ва ба ӯ ҷазои ҷиноятӣ таъйин карда намешавад. Бо дарназардошти ин, субъекти ҷиноят эътироф намешавад, шахси номукаллаф дорои он нишонаи субъекти ҷиноят намебошад, ки кирдори барои ҷамъият хавфнокро содир намудааст – мукаллаф.

Зикр гардидааст, ки хуб мешуд аз меъёр оид ба номукаллафӣ истилоҳи «ҳолат» ба «номукаллафӣ» хориҷ карда шавад. Ибораи мазкур қобили қабул намебошад, зеро чунин ҳолат ҷой надорад. Номукаллафӣ ҳолат намебошад ва он категорияи ҳуқуқӣ мебошад. На мукаллафӣ ва на номукаллафӣ парешонии руҳӣ ё ҳолати парешонии руҳӣ намебошанд. Парешонии руҳӣ, заъфи ақл, бемории руҳӣ ва дигар намудҳои бемориҳои руҳӣ ҳолатҳое мебошанд, ки номукаллафиро муқаррар мекунанд.

Маҳаки тиббии номукаллафӣ, ки дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун «бемории руҳӣ» ифода гардидааст, бояд аз тарафи экспертизаи психиатрияи судӣ муқаррар карда шавад, на ҳуқуқшиносон. Маҳаки ҳуқуқии номукаллафӣ бошад, дар вақти гузаронидани экспертиза, он бояд якҷоя бо психиатр, психолог ва минбаъд аз тарафи мақомоти тафтишию судӣ дар маҷмӯъ бо дарназардошти ҳамаи маводи ҷамънамудаи парвандаи ҷиноятӣ таҳлил карда мешавад. Муаллиф вобаста ба маҳаки тиббии номукаллафӣ, зикр намудааст, ки қонунгузории ҷиноятии ҶТ дар таҳрири амалкунандааш дар худ ин маҳакро нигоҳ доштааст, ки онро чор намуди парешонҳолии руҳӣ ташкил медиҳад: бемории руҳии доимӣ; парешонии муваққатии руҳӣ; заъфи ақл; ҳолати дигари бемории руҳӣ. Бо муқаррар намудани чор намуди парешонҳолии руҳӣ, қонунгузор яқинан ишора мекунад, ки ин парешонҳолиҳои руҳӣ дараҷа ва хусусиятҳои гуногунро доро мебошанд. Бо дарназардошти ин, пешниҳод гардидааст, ки мафҳуми номукаллафӣ рӯйхати маҳдуди намудҳои бемории руҳӣ хориҷ карда шаванд, зеро ин ба соҳаи тиббӣ – психиатрия дохил мешавад, на ба ҳуқуқшиносӣ.

Маҳаки ҳуқуқии номукаллафӣ аз рӯйи нишонаҳои зеҳнӣ ва иродавӣ баҳо дода мешавад. Қонунгузории ҷиноятии амалкунанда аз ибораи «маънои ҳаракатҳои худро фаҳмида

наметавонист ё ки ин ҳаракатҳои худро сариштa карда наметавонист» даст кашидааст. Ин ибора ба шакли нав тағйир шудааст, ки тибқи он «хусусияти воқеӣ ва хавфнокии ҷамъиятии ҳаракат ё беҳаракатии худро дарк ё онро идора карда наметавонист». Ҷоиз ба эътироф аст, ки мафҳуми дуюм аз мафҳуми аввала муваффақтар ва дурусттар аст, зеро нисбатан дақиқ ҷиҳати иҷтимоии кирдори содирнамуда ва аҳаммияти ҳуқуқии онро нишон додааст.

Дар ин зербоб бо дарназардошти мушаххас намудани мафҳуми номукаллафӣ ва маҳакҳои ҳуқуқиву тиббии он, мафҳуми муаллифии номукаллафӣ пешниҳод гардидааст. Инчунин, пешниҳод гардидааст, ки қ. 3 аз м. 24 КҶ ҶТ хориҷ гардида, дар моддаи дахлдори боби 15 КҶ ҶТ муқаррар карда шавад, зеро қонунгузории ҷиноятӣ шарти ҷавобгарии ҷиноятиро дар баробари ба синни муқарраркардаи КҶ ҶТ расидан, шахси воқеӣ будан, инчунин, мукаллаф (номукаллаф набошад) будан эътироф кардааст ва ин шарт танҳо дар вақти содир намудани ҷиноят ба назар гирифта мешавад. Муқаррароти қ. 3 м. 24 КҶ ҶТ барои эътироф кардан ё накардани субъекти ҷиноят ягон аҳаммияти ҳуқуқӣ надорад.

Боби сеюм – **«Мушаххаснамоии син ҳамчун аломати субъекти ҷиноят»** аз ду зербоб иборат буда, фарогири масоили тасниф ва тафриқи синни субъекти ҷиноят ва мушаххас намудани хусусиятҳои синнии субъекти махсуси ҷиноят тибқи қонунгузории амалкунанда аст.

Зербоби якуми боби сеюм ба **«Тасниф ва тафриқаи синни субъекти ҷиноят»** бахшида шудааст. Дар номи м. 23 КҶ ҶТ ибораи «синну соле, ки аз он ҷавобгарии ҷиноятӣ фаро мерасад» оварда шудааст. Дар адабиёти илмиву таълимӣ ибораҳои «синни ҷавобгарии ҷиноятӣ», «синни поёнии ҷавобгарии ҷиноятӣ», «синни муайяни аз ҷониби қонун муқарраргардида», «синни оғозёбии ҷавобгарии ҷиноятӣ», «маҳдудиятҳои синну сол барои ҷавобгарии ҷиноятӣ», «синни мукаллафӣ», «маҳакҳои синнусолии ҷавобгарии ҷиноятӣ» истифода гардида, дар доираи мавзуи «Субъекти ҷиноят» омӯхта мешаванд. Ворид намудани мафҳуми «Синни субъекти ҷиноят» ба КҶ ҶТ танҳо дар сурате имконпазир мегардад, ки дар сатҳи илмӣ дақиқ асоснок карда шавад ва вобаста ба ин

масъала дар миёни кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва олимони соҳаи ҳуқуқшиносӣ пурсишнома гузаронида шуда, бо замима ба диссертатсия илова гардидааст.

Дар ин зербоб маълум гардидааст, ки «синни» инсон дар чор маъно истифода мешавад: 1) синни хронологӣ (тақвимӣ) – яъне синне, ки тибқи санаи таваллуд муайян мегардад; 2) синни биологӣ – сатҳи воқеии ҷисмонии (физиологии) рушди инсон; 3) синни иҷтимоӣ – мавқеи иҷтимоии инсон вобаста ба нақш ва вазифаҳои ӯ дар ҷомеа; 4) синни психологӣ – дараҷаи рушди зеҳнӣ ва эҳсосии инсон. Ҳамчунин, нишонаҳои муҳимми мафҳуми синни субъекти ҷиноят муайян карда шудааст: 1) он муҳлати муайяни тақвимӣ мебошад, ки миқдори солҳои гузашта, яъне синни воқеии шахсро нишон медиҳад; 2) Хусусияти хоси синни субъекти ҷиноят дар он аст, ки арзиши ҳуқуқии ҷиноятии он аз лаҳзаи таваллуди шахс оғоз намеёбад, балки, аз он вақт сар мешавад, ки қонунгузор дар Кодекси ҷиноятӣ муқаррар намудааст. Аз ин рӯ, нишонаи муҳимми дигари ин мафҳум дар он аст, ки муҳлати он аз ҷониби қонунгузории ҷиноятӣ муайяншуда оғоз мегардад; 3) бо расидан ба шумораи муайяни солҳои гузашта, шахс метавонад ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад. Бо дарназардошти ин, мафҳуми муаллифии синни субъекти ҷиноят пешниҳод гардидааст: синни субъекти ҷиноят – ин миқдори муайяни солҳои бо қонунгузории ҷиноятӣ муқаррарнамудаест, ки дар сурати содир намудани ҷиноят бо расидан ба он шахс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад.

Зикр гардидааст, ки агар 22 таркиби ҷинояте, ки дар қ. 2 м. 23 КҶ ҶТ муқарраргардидаро вобаста ба маҳаки дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии таркиби ҷиноят (таркибҳои оддӣ, вазнинкунанда ва махсусан вазнинкунанда) тасниф кунем, пас ин модда 69 таркиби ҷиноятро (қисмҳои моддаҳоро) дар бар мегирад. Аз ин 69 таркибҳои оддӣ, бо ҳолатҳои вазнинкунанда ва махсусан вазнинкунандаи ҷиноятҳо ба чунин категорияҳои ҷиноятҳо тасниф гардидаанд: 1) начандон вазнин: 6 таркиби ҷиноят, ки 8,7%-ро ташкил медиҳанд; 2) миёна: 14 таркиби ҷиноят, ки 20,3%-ро ташкил медиҳанд; 3) вазнин: 31 таркиби ҷиноят, ки 45%-ро ташкил медиҳанд; 4) махсусан вазнин: 18 таркиби ҷиноят, ки 26%-ро ташкил медиҳанд. Аз таснифи

зикргардида маълум мешавад, ки миқдори нисбатан ками онҳоро 29% ҷиноятҳои начандон вазнину миёна ва аксари онҳоро – 71% ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин ташкил медиҳанд. Бинобар ин, дақиқан гуфта намешавад, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ танҳо бо дарназардошти хусусияти ба ҷамъият хавфнокии кирдор синни ҷавобгарии ҷиноятӣ аз 14 оғоз гардидааст. Дар КҶ ҶТ категорияҳои зиёди ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин муқаррар гардидаанд, ки барои онҳо ҷавобгарии ҷиноятӣ на аз 14-солагӣ, балки, аз 16-солагӣ муайян шудааст. Мисол, қ.қ. 3 ва 4 м. 301 КҶ ҶТ (ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ), қ.қ.2 ва 3 м. 305 КҶ ҶТ (хиёнат ба давлат) ва ғайра.

Муаллиф дар зербоби мазкур зикр намудааст, ки дар КҶ ҶТ 14-17-солагӣ синне мебошад, ки ҳамчун ноболиғ эътироф гардидааст. Ҳамин тавр, мутобиқи қ. 1 м. 86 КҶ ҶТ «Шахсоне ноболиғ эътироф мегарданд, ки дар вақти содир намудани ҷиноят синни чордаҳсолагиро пур кардаанд, вале ба синни ҳаждаҳсолагӣ нарасидаанд». Аз ин мафҳум бармеояд, ки қонунгузор синни ноболиғиро аз оғоз – 14 ва хотима – 17 дар назар дошта, расидан ба синни 18 ноболиғ эътироф намешавад. Бо мафҳуми ноболиғ, ки дар қ.1 м. 86 КҶ ҶТ оварда шудааст, розӣ шудан мумкин нест, зеро он ба муқаррароти қ.қ. 1 ва 2 м. 23 КҶ ҶТ мухолифат мекунад ва агар дақиқан ба матни он такя кунем (қ. 4 м. 4 КҶ ҶТ), пас ба иштибоҳ роҳ медиҳем. Оғози ҷавобгарии ҷиноятӣ бо расидан ба синни муқарраркардаи қонунгузории ҷиноятӣ (14 ва 16) рост меояд, вале дар қ. 1 м. 86 синни ноболиғиро на бо «расидан ба синни 14», балки, бо «пур кардани синни 14» ифода гардидааст. Тибқи б. 7 Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ «Дар бораи таҷрибаи судии баррасии парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои ноболиғон» дар вақти муайян кардани синну соли ноболиғ дар назар доштан зарур аст, ки шахс ба синну соле, ки мувофиқи қонун ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, на аз рӯзи таваллудаш, балки, аз соати сифри шабонарӯзи дигар мерасад. Аз ин бармеояд, ки рӯзи зодрӯз – рӯзи охири 13-солагӣ (барои эътирофи синни 14 ҳамчун оғози синни ноболиғӣ) эътироф мешавад ва аз соати 00:01 баъдан ба 14-солагӣ расида ҳисобида мешавад. Ибораи «чордаҳсолагиро

пур кардан» маънои «расидан ба синни 14»-ро ифода карда наметавонад. «Чордаҳсолагиро пур кардан» маънои онро дорад, ки шахс пас аз ба синни 14 расидан (оғози 14-солагӣ) бояд дар ҳаёти худ боз 365 (366 агар моҳи феврал 29 рӯзро дар бар гирад) рӯзро паси сар кунад. Яъне дар назар дорем, ки «солро пур кард». Вақте, ки инсон таваллуд мешавад, то рӯзи дигари таваллуди меомадааш 1-сола эътироф нашуда, он дар аввал бо рӯз ва минбаъд бо ҳафтаву моҳ ҳисоб мешавад ва танҳо пас аз пур кардани яксолагӣ (рӯзи охири соли таваллуд), баъд ба синни 2 мерасад. Бо дарназардошти ин нуқтаи назар пешниҳод карда шудааст, ки мафҳуми ноболиғ, ки дар қ. 1 м. 86 КҶ ҶТ муқаррар гардидааст, дар чунин шакл ифода карда шавад: «Шахсоне ноболиғ эътироф мегарданд, ки дар вақти содир намудани ҷиноят ба синни чордаҳ расидаанд, вале ба синни ҳаждаҳ нарасидаанд».

Зербоби дуюми боби сеюм – **«Мушаххас намудани хусусиятҳои синнии субъекти махсуси ҷиноят тибқи қонунгузории амалкунанда»** ифода гардида, масоили мафҳуми субъекти махсус ва хусусиятҳои синнии он бо дарназардошти ҳадди ақал ва аксари синни ҷавобгарии ҷиноятӣ мушаххас гардидааст. Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ субъекти махсус эътироф шудааст, вале то ҳол байни олимон доир ба мафҳуми умумиэътирофшудаи он нуқтаи назари гуногун иброз гардида, мафҳум ва таснифи ягонаи он ҷой надорад. Муаллиф субъекти махсуси ҷиноятро чунин эътироф намудааст: ин шахси воқеии мукаллафи ба синни муқарраркардаи қонунгузории ҷиноятӣ расидае ба ҳисоб меравад, ки дорои аломати иловагии дар диспозитсияи моддаи дахлдори Қисми махсуси КҶ ҶТ баёнгардида мебошад.

Дар ин зербоб зикр гардидааст, ки яке аз аломатҳои умумие, ки ба субъекти махсуси ҷиноят хос аст, ин расидан ба синнест, ки аз он ҷавобгарии ҷиноятӣ фаро мерасад. Агар ба матни қ.қ. 1 ва 2 м. 23 КҶ ҶТ таваҷҷуҳ зоҳир кунем, пас маълум мегардад, ки ба ҷавобгарии ҷиноятӣ шахсе кашида мешавад, ки дар вақти содир намудани ҷиноят ба синни 14 ва 16 расидааст, вале зикр нагардидааст, ки маҳз аз ин син барои ҳамаи ҷиноятҳо ҷавобгарии ҷиноятӣ фаро мерасад. Дар қ. 3 м. 23 КҶ ҶТ муқаррар гардидааст, ки «Дар ҳолатҳои алоҳидаи

дар Қисми махсуси ҳамин Кодекс пешбинигардида танҳо он шахсе ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, ки аз синни шонздаҳсола болотар аст». Синни нисбатан баланди субъекти ҷиноят метавонад бо аломатҳои субъекти махсуси ҷиноят муайян ва асоснок карда шавад. Барои субъектҳои махсуси таркибҳои ҷиноятҳои гуногун – синни ҳадди ақали онҳо аз ҳамдигар фарқ карда, бо расидан ба он дар вақти содир намудани ҷинояти мушаххас ҷавобгарии ҷиноятӣ фаро мерасад. Ҳамаи субъектони махсуси таркибҳои ҷиноятҳо ба 73 намуд тасниф гардида, вобаста аз хусусиятҳои хоси «синнӣ» ба се гурӯҳ тақсим шудаанд: 1) таркиби ҷиноятҳое, ки синни ҳадди ақали субъекти махсуси ҷиноятро бо дарназардошти таҳлили м. 23 КҶ ҶТ муқаррар кардан мумкин аст; 2) таркиби ҷиноятҳое, ки синни ҳадди ақали субъекти махсуси онҳо дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ нишон дода шудаанд ё бо дарназардошти таҳлили худи ҳамон ҷиноятҳо муқаррар кардан мумкин аст; 3) таркиби ҷиноятҳое, ки синни ҳадди ақали субъекти махсуси онҳо дар қонунгузорӣ муқаррар нагардидааст. Ҳангоми муайян намудани синни ҳадди ақали субъектҳои махсуси ҷиноятҳо, ки ба гурӯҳи дуюм ва сеюм мансубанд, аз ҷумла зарур аст меъёреро, ки дар м. 23 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, ба назар гирифт ва бояд ин син дар доираи он муқаррар карда шавад.

Муаллиф зикр намудааст, ки КҶ ҶТ синни ҳадди ақалро барои субъекти ҷиноят муқаррар намудааст, вале синни ҳадди аксарро барои онҳо дар меъёрҳои Қисми махсус пешбинӣ накардааст ва ин маънои онро надорад, ки комилан муқаррар кардани синни ҳадди аксар ҷой надорад. Аз таҳлили хусусиятҳои ба худ хоси меъёрҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ бармеояд, ки барои бархе аз ҷиноятҳо синни ҳадди аксари субъекти ҷиноятро муқаррар кардан мумкин аст. Синни ҳадди аксари субъекти махсуси ҷиноят танҳо бо дарназардошти таҳлили меъёрҳои на КҶ ҶТ, балки, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар карда мешавад. Бинобар ин, зарур мешуморем баъзе санадҳои меъёрии ҳуқуқиро таҳлил карда, синни ҳадди аксари субъекти махсуси ҷиноятро муқаррар намоем. Синни ҳадди аксари

субъектҳои махсуси баъзе таркибҳои ҷиноят муайян карда шудааст:

– синни ҳадди аксаре, ки шахс метавонад судя бошад (м.м. 133, 349, 354, 358 КҶ ҶТ), хизматчии ҳарбӣ бошад (б. «г» қ. 2 м. 179, б. «б» қ. 2 м. 305, б. «б» қ. 2 м. 306 ва м.м. 367-393 КҶ ҶТ), дорои уҳдадории ҳарбӣ бошад (м. 343 КҶ ҶТ), хизмати ҳарбиро адо намудааст ва барои сафарбарӣ ба Қуввахои мусаллаҳи ҶТ даъват шудааст (м. 344 КҶ ҶТ), прокурор бошад (м.м. 143(1), 348, 358, қ.қ. 2 ва 3 м. 359, м. 360 КҶ ҶТ) ва ҳамчун субъекти махсуси ҷиноятҳои пешбинигардида ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад – 63 мебошад.

– синни ҳадди аксаре, ки шахс метавонад ба хизмати ҳарбӣ даъватшаванда бошад ва ҳамчун субъекти махсуси ҷинояти пешбинигардида дар м. 343 КҶ ҶТ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад – 27 мебошад.

– синни ҳадди аксаре, ки шахс метавонад корманди мақомоти мубориза бо коррупсия, назорати маводи нашъаовар, амният бошад (м.м. 143(1), 348, 354, 358, қ.қ. 2 ва 3 м. 359, м. 360 КҶ ҶТ) ва шахсе, ки мавқеи «дар хизмати давлатӣ» буданро доро аст, ҳамчун субъекти махсуси ҷиноятҳои пешбинигардида ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шаванд – 65 мебошад.

– синни ҳадди аксаре, ки шахс метавонад корманди мақомоти корҳои дохилӣ бошад ва ҳамчун субъекти махсуси ҷиноятҳои пешбинигардида дар м.м. 143(1), м. 327, 348, 354, 358, қ.қ. 2 ва 3 м. 359, м. 360 КҶ ҶТ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад – 66 мебошад.

Пешниҳод гардидааст, ки мафҳуми «хусусиятҳои синнусолии субъекти махсуси ҷиноят» дар сатҳи илмӣ ҳамчун мавзуи дар таҳқиқот баррасишаванда ворид карда шавад.

ХУЛОСА

Дар асоси таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи «Субъекти ҷиноят: масоили назария, қонунгузорӣ ва амалия», хулосаҳои ниҳоии худро ба таври зайл пешниҳод намуданро қобили қабул мешуморем:

1. Даврабандии асоснок ва мукаммалро вобаста ба таснифот ва рӯйдодҳои муайяни таърихии рушди қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон, чунин эътироф мешавад: 1) қонунгузории ҷиноятӣ дар давраи таъсиси ИҶШС (солҳои 1917-1922); 2) қонунгузории ҷиноятии ҶШФСР соли 1922 (солҳои 1922-1926); 3) қонунгузории ҷиноятии ҶШС Узбекистон соли 1926, ки ҶШСХ Тоҷикистон дар ҳайати он буд (солҳои 1926-1935); 4) қонунгузории ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон соли 1935 (солҳои 1935-1961); 5) қонунгузории ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон соли 1961 (солҳои 1961-1998); 6) қонунгузории ҷиноятии муосири Тоҷикистон соли 1998 (аз соли 1998 то кунун) [9–М].

2. Ҳамчун унсури таркиби ҷиноят, субъекти ҷиноят дорои аломатҳои ҳатмӣ ва иловагӣ мебошад. Аломатҳои ҳатмии субъекти ҷиноят дар м. 22 КҶ ҶТ муқаррар гардидаанд. Аломатҳои иловагии (факултативии) субъекти ҷиноят: дорои аломатҳои иловагие, ки ба субъекти махсуси ҷиноят хос мебошанд [12–М].

3. Пешниҳодҳо дар бораи ба қатори аломатҳое, ки субъекти ҷиноятро муайян мекунанд, ворид намудани он аломатҳоеро, ки шахсияти ӯро дар ҷамъият муайян мекунанд, асоснок ҳисоб кардан мумкин нест, зеро таркиби ҷиноят хусусияти меъёрии ҳуқуқии кирдори мушаххаси шахс мебошад (таркиби ҷиноят маҷмӯи аломатҳои ҳатмии объективӣ ва субъективии бо қонунгузории ҷиноятӣ муқарраршудае мебошад, ки ҷиноят будани кирдорро муайян мекунад). Хавфи ҷамъиятии субъекти ҷиноят, хусусиятҳои иҷтимоию сиёсии ӯ тамоми маълумотро дар бораи ҷиноятқор ҳамчун фард фаро мегирад ва ба як кирдори ҷиноятӣ нисбат додан мумкин нест ва ҳамчун яке аз асосҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ нисбат додан ғайриимкон аст [12–М].

4. Бо асосҳои зерин, эътироф карда мешавад, ки шахси ҳуқуқӣ ҳамчун субъекти ҷиноят ғайриимкон мебошад:

1) Принсипи ҷавобгарии фардӣ (қ. 1 м. 7 КҶ ҶТ) муқаррар менамояд, ки ҳеҷ кас таҳти ҷавобгарии ҷиноятӣ қарор гирифта наметавонад ба ҷуз аз кирдори (ҳаракат ё беҳаракатӣ) шахсии худ;

2) Танҳо шахси мукаллаф ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад ва маҳз ба хотири татбиқи ин адолат, шахси

номукаллаф, ки дар вақти содир намудани кирдори барои ҷамъият хавфнок содир кардааст, аз доираи ин ҷавобгарӣ дур мондааст ва ҳатто барои муқаррар намудани номукаллафӣ ва мукаллафиву мукаллафии маҳдуд сохторҳои зиёд машғуланд ва миёни олимон баҳсҳо ҷой доранд. Мукаллафӣ аз рӯйи маҳакҳои тиббиву ҳуқуқӣ, ки марҳилаҳои мушкили тафтишотиро аз амалия тақозо мекунад, муқаррар карда мешавад, ки дар сурати эътирофи шахси ҳуқуқӣ ҳамчун субъекти ҷиноят, ҳамаи ин моҳияти худро гум мекунанд. Яъне, дар баробари шахси ҳуқуқӣ мебояд минбаъд шахси номукаллаф низ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад ва зарурати муқаррар кардани синни ҷавобгарии ҷиноятӣ мазмуни мантиқии худро аз байн мебарад [12–М].

5. Ба сифати субъекти ҷиноят зеҳни сунъӣ баромад карда наметавонад, зеро он бевосита дар амалҳои худ иродаи мустақил надорад ва он танҳо дар асоси алгоритмҳои воридгардида хулоса мебарорад. Зеҳни сунъӣ дар меъёрҳои мушаххаси қонунгузории ҷиноятӣ ҳамчун воситаи содир намудани ҷиноят муқаррар карда шавад [11–М].

6. Мукаллафӣ аломати ҳуқуқии субъекти ҷиноят эътироф гардида, ҳангоми ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсе, ки ҷиноят содир намудааст, ба асос гирифта мешавад, яъне мукаллафӣ асоси ҳуқуқии ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахси ҷиноят содирнамуда мебошад.

7. Маҳаки ҳуқуқии мукаллафии шахс дар хусусияти воқеии кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) ба ҷамъият хавфнокро дарк кардан ва онҳоро идора карда тавонистани шахс ифода мегардад [6–М].

8. Асоснок шуморида мешавад, ки дар мукаллафӣ «дарк намудани зиддиҳуқуқӣ будани кирдори барои ҷамъият хавфнок» ҳамчун нишонаи зеҳнии маҳаки ҳуқуқии он ворид карда шавад [6–М].

9. Дар сатҳи қонунгузории ҷиноятӣ муқаррар намудани мукаллафии маҳдуд барои татбиқи принсипи гунаҳгоркунии субъективӣ мусоидат карда, имкон медиҳад, ки ҷавобгарии ҷиноятии шахсони гирифтори парешонҳолии руҳӣ дуруст ба роҳ монда шавад [8–М]

10. Мафҳуми парешонҳолии руҳӣ, ки дар заминаи ҷавобгарии ҷиноятӣ мавриди назар қарор мегирад, чунин ҳолати

махсуси шахс фаҳмида мешавад, ки қобилияти ӯ барои дарк намудани хусусияти иҷтимоӣ ва дараҷаи хавфнокии кирдори содиркарда, инчунин, барои идора ва назорат кардани рафтори худ ба таври назаррас коҳиш ёфтааст. Ин ҳолат дар шароите ба миён меояд, ки шахс аз як қатор парешонҳолиҳои равонӣ ранҷ мебарад, ки бо вуҷуди таъсири манфии онҳо ба сатҳи зеҳн ва ирода, ба таври комил қобилияти ҳуқуқии ӯро истисно намесозанд. Ба ибораи дигар, чунин шахс дар маънои ҳуқуқӣ мукаллаф эътироф мегардад, аммо сатҳи маҳдудияти қобилияти зеҳнӣ ва иродаи ӯ бояд ҳамчун омили дорои аҳаммияти ҳуқуқӣ дар муайянсозии андозаи ҷавобгарӣ ва интихоби чораҳои ҷазо ба назар гирифта шавад [8–М].

11. Маҳаки ҳуқуқии мукаллафии маҳдуд чунин эътироф мешавад, ки дар фарқ аз шахси мукаллаф шахс дар вақти содир намудани ҷиноят на он қадар метавонист хусусияти воқеӣ ва хавфи ҷамъиятии ҳаракати (беҳаракатии) худро дарк намояд ё онро идора намояд. Аз ин бармеояд, ки маҳаки ҳуқуқии мукаллафии маҳдуд мавқеи марказиро барои эътирофи он ишғол мекунад ва ҳангоми баҳо додан бояд муайян карда шавад, ки парешонҳолии руҳие, ки мукаллафиро истисно мекунад, чи дараҷа ба кирдори ҷиноятӣ таъсир расонидааст. Яъне, ҳангоми баррасии масъалаи фарқгузории мукаллафи маҳдуд аз мукаллафӣ ва номукаллафӣ, бояд дар назар дошт, ки дар м. 25 КҶ ҶТ сухан дар бораи дараҷаи таъсири парешонҳолии дардмандонаи руҳӣ ба рафтори ҷиноятӣ меравад: наметавонист пурра хусусияти воқеӣ ва хавфи ҷамъиятии ҳаракати (беҳаракатии) худро дарк намояд ё онро идора намояд [8–М].

12. Номукаллафиро наметавон бо намудҳои беморихои руҳӣ ҳаммаъно донист ва онро ба рӯйхати оддии ҳолатҳои дардмандонаи руҳӣ нисбат додан мумкин нест. Номукаллафӣ танҳо маҳаки ҳуқуқӣ ба ҳисоб рафта, ҳолати махсуси руҳӣ низ эътироф намешавад. Бинобар ин, муқаррар кардани номукаллафӣ вазифаи тафтишоту суд мебошад, на экспертизаи психиатрияи судӣ. Коршиносҳо ҳуқуқ надоранд мукаллафӣ ё номукаллафии шахсро муқаррар кунанд, зеро ин танҳо ба салоҳияти тафтишоту суд дохил мешавад. Коршинос бояд мавҷудияти маҳаки тиббии номукаллафӣ (беморӣ) ва ҳуқуқиро (то кадом дараҷа парешонҳолии дардмандонаи руҳӣ ба қодир

будани дарккунӣ ва идоракунии кирдор таъсир расонидааст) муайян кунад. Маҳакҳои тиббии номукаллафӣ, ки дар м. 24 КҶ ҶТ оварда шудаанд (бемории руҳии доимӣ, парешонии муваққатии руҳӣ, заъфи ақл, ҳолати дигари бемории руҳӣ) бо ибораи «парешонҳолии руҳӣ» маҳдуд карда шаванд, зеро ин ибора дар худ ҳама намудҳои маҳакҳои тиббии номукаллафиро дар бар мегирад. Барои муқаррар кардани маҳаки тиббии номукаллафӣ зарур нест, ки ҳама намудҳои парешонҳолиҳои руҳие, ки дар боби V (F) ТББ-10 тасниф гардидаанд, нишон дода шаванд [5–М].

13. Мафҳуми синни субъекти ҷиноят пешниҳод шудааст ва мувофиқи он синни субъекти ҷиноят – ин миқдори муайяни солҳои бо қонунгузории ҷиноятӣ муқаррарнамудаест, ки дар сурати содир намудани ҷиноят бо расидан ба он шахс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад [7–М].

14. Мафҳуми «хусусиятҳои синнусолии субъекти махсуси ҷиноят» дар сатҳи илмӣ ҳамчун мавзуи дар таҳқиқот баррасишаванда ворид карда шавад. Субъектҳои махсуси ҷиноят вобаста ба хусусиятҳои синнии онҳо шартан ба се гурӯҳ тақсим карда мешаванд:

1) Таркиби ҷиноятe, ки синни ҳадди ақали субъекти махсуси ҷиноят дар м. 23 КҶ ҶТ муқаррар гардидааст;

2) Таркиби ҷиноятҳое, ки синни ҳадди ақали субъекти махсуси онҳо дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ нишон дода шудаанд ё бо дарназардошти таҳлили худи ҳамон ҷиноятҳо муқаррар муайян гардидаанд;

3) Таркиби ҷиноятҳое, ки синни ҳадди ақали субъекти махсуси онҳо дар қонунгузорӣ муқаррар нагардидаанд.

Ҳангоми муайян намудани синни ҳадди ақали субъектҳои махсуси ҷиноятҳо, ки ба гурӯҳи дуюм ва сеюм мансубанд, аз ҷумла зарур аст меъёреро, ки дар м. 23 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, ба назар гирифт ва бояд ин син дар доираи он муқаррар карда шавад.

15. Синни ҳадди аксари субъекти махсуси ҷиноят танҳо бо дарназардошти таҳлили меъёрҳои на КҶ ҶТ, балки, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар карда мешавад. Синни ҳадди аксари субъектҳои махсуси баъзе таркибҳои ҷиноят муайян карда шудааст.

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Пешниҳодҳое, ки ба такмили қонунгузории ҶТ равона гардидаанд:

1. Моддаи 22 КҶ ҶТ дар таҳрири зайл қабул карда шавад:

«Моддаи 22. Субъекти ҷиноят.

Субъекти ҷиноят шахси воқеие мебошад, ки дар вақти содир намудани ҷиноят мукаллаф аст ва ба синни муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс расидааст» [12–М].

2. Мафҳуми шахси воқеӣ дар КҶ ҶТ муқаррар карда шавад ва бо дарназардошти ин, ба КҶ ҶТ м. 22(1) дар таҳрири зайл илова карда шавад:

«Моддаи 22(1). Шахси воқеӣ.

Таҳти мафҳуми шахси воқеӣ дар ҳамин Кодекс шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрванди хориҷӣ, шахси бешаҳрванди доимо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқоматкунанда, шахси бешаҳрванди доимо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқоматнакунанда ва шахсе, ки шаҳрвандии ду давлатро доро мебошад, фаҳмида мешавад» [12–М].

3. Моддаи 22(2) бо мазмуни зерин ба КҶ ҶТ илова карда шавад:

«Моддаи 22(2). Мукаллафӣ.

Шахси воқеие, ки дар вақти содир намудани ҷиноят хусусияти воқеии ба ҷамъият хавфнокӣ ва зиддиҳуқуқӣ будани кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) худро дарк ва онро идора карда метавонад, мукаллаф эътироф мешавад».

4. Дар қонунгузории ҷиноятии ҶТ м. 24 КҶ ҶТ дар таҳрири зерин муқаррар карда шавад:

«Моддаи 24. Номукаллафӣ.

1) Шахсе, ки дар вақти содир намудани кирдори барои ҷамъият хавфнок номукаллаф буд, яъне бар асари парешонҳолии дардмандонаи рухӣ хусусияти воқеӣ ва зиддиҳуқуқӣ будани ба ҷамъият хавфнокии ҳаракати (беҳаракатии) худро дарк ё онро идора карда наметавонист, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад.

2) Ба шахсе, ки дар вақти содир намудани ҷиноят номукаллаф эътироф шудааст, чораҳои маҷбурии дорои

хусусияти тиббии дар ҳамин Кодекс пешбинигардидаро таъйин кардан мумкин аст» [5–М].

5. Ҷиҳати бо муқаррароти КҶ ҶТ як хел ифода гардидани мафҳуми номукаллафӣ, м. 26 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ дар таҳрири зерин муқаррар карда шавад:

«Моддаи 26. Номукаллафӣ.

1) Шахси воқеие, ки дар вақти содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ номукаллаф буд, яъне бар асари парешонҳолии дардмандонаи руҳӣ хусусияти воқеӣ ва зиддиҳуқуқӣ будани кирдори (амал ё беамалии) худро дарк ё онро идора карда наметавонист, ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида намешавад» [5–М].

6. Пешниҳод карда мешавад, ки қ. 3 аз м. 24 КҶ ҶТ хориҷ гардида, дар моддаи дахлдори боби 15 муқаррар карда шавад, зеро қонунгузории ҷиноятӣ шарти ҷавобгарии ҷиноятиро дар баробари ба синни муқарраркардаи КҶ ҶТ расидан, шахси воқеӣ будан, инчунин, мукаллаф (номукаллаф набошад) будан эътироф кардааст ва ин шарт танҳо дар вақти содир намудани ҷиноят ба назар гирифта мешавад. Муқаррароти қ. 3 м. 24 КҶ ҶТ барои эътироф кардан ё накардани субъекти ҷиноят ягон аҳаммияти ҳуқуқӣ надорад [5–М].

7. Номи моддаи 23 КҶ ҶТ «Синни субъекти ҷиноят» ифода гардида, дар қ. 2 ин модда чунин тағйиру иловаҳо ворид карда шавад:

– ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷинояти дар м. 214 КҶ ҶТ муқарраргардида аз расидан ба синни 16 эътироф гардида, аз қ. 2 м. 23 КҶ ҶТ бекор карда шавад.

– дар матни қ. 2 м. 23 КҶ ҶТ ба ҷойи ибораи «қисмҳои дуюм ва сеюми моддаи 237» ибораи «банди «а» қисми 2 ва банди «а» қисми 3 моддаи 237» иваз карда шавад.

– дар қ. 2 м. 23 КҶ ҶТ «моддаи 310 КҶ ҶТ (таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» илова карда шавад [4–М; 7–М].

8. Мафҳуми ноболиғ, ки дар қ. 1 м. 86 КҶ ҶТ муқаррар гардидааст, дар чунин таҳрир ифода карда шавад: «Шахсоне ноболиғ эътироф мегарданд, ки дар вақти содир намудани ҷиноят ба синни чордаҳ расидаанд, вале ба синни ҳаждаҳ нарасидаанд» [4–М].

ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

I. Монография ва дастури илмӣ-таълимӣ:

[1-М]. Ҳусейнзода, С.Ҳ. Ҷиноятҳо ба муқобили озодӣ, обрӯ ва эътибори шахс [Матн]: дастури таълимӣ-илмӣ / С.Ҳ. Ҳусейнзода. – Душанбе: «Сомон-граф», 2018. – 144 с.; ISBN 978-99975-96-43-7.

[2-М]. Ҳусейнзода, С.Ҳ. Хусусиятҳои хосси ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷинояткории ноболиғон [Матн]: монографияи дастҷамъона / С.Ҳ. Ҳусейнзода [ва диг.]. – Душанбе: «Графика-83», 2020. – 132 с.; ISBN 978-99975-303-7-0.

[3-М]. Ҳусейнзода С.Ҳ., Хусусиятҳои хосси ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазодиҳии ноболиғон. Ҷинояткории ноболиғон ва роҳҳои пешгирӣ намудани он [Матн]: монография / С.Ҳ. Ҳусейнзода [ва диг.]. – Душанбе: «Нашрияи Муборизъ», 2021. – 128 с.; 978-99975-303-5-6.

II. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

[4-М]. Насуриён П.А., Ҳусейнзода, С.Ҳ. Баъзе масъалаҳои синни поёнии (14-солагии) субъекти ҷиноят тибқи муқаррароти қонунгузории ҷиноятӣ [Матн] / П.А. Насуриён, С.Ҳ. Ҳусейнзода // Қонунгузорӣ. – 2025. №4 (60). – С. 308-313; ISSN 2410-2903.

[5-М]. Насуриён П.А., Ҳусейнзода, С.Ҳ. Масоили муқаррарсозии мафҳуми «номукаллафӣ» дар қонунгузории ҷиноятӣ: мафҳум ва маҳаки он [Матн] / П.А. Насуриён, С.Ҳ. Ҳусейнзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2025. – №4 (68). – С. 20-29; ISSN 2412-141X.

[6-М]. Ҳусейнзода, С.Ҳ. Масоили муайян намудани нишонаи зеҳнӣ ҳамчун критерияи ҳуқуқии мукаллафии субъекти ҷиноят [Матн] / С.Ҳ. Ҳусейнзода // Қонунгузорӣ. – 2025. №4 (60). – С. 328-334; ISSN 2410-2903.

[7-М]. Ҳусейнзода, С.Ҳ. Масоили тасниф ва тафриқаи синни субъекти ҷиноят [Матн] / С.Ҳ. Ҳусейнзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2025. – №4 (68). – С. 184-192; ISSN 2412-141X.

[8-М]. Хусейнзода С.Х. Вопросы юридического критерия ограниченной вменяемости в уголовном праве [Текст] / С.Х. Хусейнзода // Ўзбекистон Республикаси ИИВ Малака ошириш институти Ахборотномаси. – Тошкент. – №4 (15). – 2025. – С. 81-89. ISSN 2181-1822.

III. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмӯаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:

[9-М]. Ҳусейнзода, С.Ҳ. Масоили инкишофёбии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон оид ба муқаррар намудани субъекти ҷиноят [Матн] / С.Ҳ. Ҳусейнзода // 25-солагии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳолат ва дурнамо / Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ / Зери назари умумии д.и.ҳ., дотсент Ф.Р. Шарифзода. – Душанбе: Нашриёти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. – С. 257-264.

[10-М]. Хусейнзода, С.Х. Некоторые вопросы о возрасте лица, привлекаемого к уголовной ответственности по УК Республики Таджикистан [Текст] / С.Х. Хусейнзода // Сборник материалов международной научно-практической конференции «Проблемы борьбы с преступностью на Евразийском пространстве», посвященной «Году правового просвещения» (г. Душанбе, 10 мая 2024 г.) / Под ред. д.ю.н., доцента Р.Х. Рахимзода. – Душанбе: Типография МВД Республики Таджикистан, 2024. – С. 178-182.

[11-М]. Насуриён, П.А., Ҳусейнзода, С.Ҳ. Масоили муқаррар намудани зеҳни сунъӣ ҳамчун субъекти ҷиноят тибқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / П.А. Насуриён, С.Ҳ. Ҳусейнзода // Қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таърих, дурнамо ва рушд: маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 27-ум солагии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикиситон / Зери назари умумии н.и.ҳ., дотсент П.А. Насуриён. – Душанбе: Нашриёти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2025. – С. 82-87.

[12-М]. Ҳусейнзода, С.Ҳ. Масоили мафҳуми субъекти ҷиноят дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / С.Ҳ. Ҳусейнзода // Масоили мубрами давлат, ҷомеа ва ҳуқуқи муосир – 2025. – №4 (8). – С. 55-66; ISSN 3105-370X.

[13-М]. Ҳусейнзода, С.Ҳ. Критерияи (маҳаки) тиббии номукаллафӣ тибқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / С.Ҳ. Ҳусейнзода // Дастовардҳо, мушкилот, ва дурнамои инкишофи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 16-солагии қабули Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикиситон (ш. Душанбе, 3-юми декабри соли 2025) / Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент П.А. Насуриён, д.и.ҳ., дотсент Р.Р. Раҳмадҷонзода. – Душанбе: Нашриёти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2026. – С. 60-66.

IV. Китобҳои дарсӣ ва дастури таълимӣ-методӣ:

[14-М]. Ҳусейнов, С.Ҳ. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: мафҳумҳо дар нақшаҳо [Матн]: воситаи таълимӣ / С.Ҳ. Ҳусейнов. – Хуҷанд: «Ношир», 2011. – 127 с.; ISBN 978-99947-818-8-1.

[15-М]. Ҳусейнов, С.Ҳ. Таркиби ҷиноят [Матн]: воситаи таълимӣ / С.Ҳ. Ҳусейнов. – Душанбе: «ЭР-граф», 2013. – 272 с.; ISBN 978-99947-989-0-2.

[16-М]. Ҳусейнов С.Ҳ. Ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт [Матн]: дастури таълимӣ / С.Ҳ. Ҳусейнов. – Душанбе: «ЭР-граф», 2014. – 120 с.; ISBN 978-99975-989-0-2.

[17-М]. Хусейнзода, С.Х. Уголовное право Республики Таджикистан. Общая часть [Текст]: учебное пособие / С.Х. Хусейнзода [и др.]. – Душанбе: «ЭР-граф», 2016. – 280 с.; ISBN 978-99975-46-80-7.

[18-М]. Ҳусейнзода, С.Ҳ. Ҷиноятҳо ба муқобили оила ва ноболиғон [Матн]: дастури таълимӣ / С.Ҳ. Ҳусейнзода [ва диг.]. – Душанбе: «ЭР-граф», 2017. – 120 с.; ISBN 978-99975-40-98-0.

[19-М]. Ҳусейнзода, С.Ҳ. Ҷиноятҳо ба муқобили саломатӣ [Матн]: дастури таълимӣ / С.Ҳ. Ҳусейнзода [ва диг.]. – Душанбе: «Сомон-граф», 2017. – 364 с.; ISBN 978-99975-96-32-1.

[20-М]. Ҳусейнзода С.Ҳ. Сиёсати зиддикоррупсионӣ [Матн]: воситаи таълимӣ / С.Ҳ. Ҳусейнзода [ва диг.] / Зери таҳрири Ф.Р. Шарифзода, С.Ҳ. Ҳусейнзода (Муал. мавзуи №1. – С. 31-40, мавзуи №2. – С. 41-84, мавзуи №3. – С. 85-141, мавзуи №6. – С. 194-201, мавзуи №8. – С. 212-233, мавзуи №9. – С. 234-274, мавзуи №10. – С. 275-503, мавзуи №11. – С. 504-549 ва мавзуи №12. – С. 550-596).

– Душанбе: «Ирфон»., 2018. - 800 с.; ISBN: 978-99975-0-834-8. (577 саҳифа)

[21-М]. Ҳусейнзода, С.Ҳ. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ [Матн]: китоби дарсӣ / Зери таҳрири д.и.ҳ., дотсент Р.Ҳ. Раҳимзода ва д.и.ҳ., профессор И.Ҳ. Бобоҷонзода (Муал. Боби 19. – С. 499-515, Боби 20. – С. 516-534, Боби 21. – С. 535-547). – Душанбе: «ЭР-граф», 2019. – 550 с. ISBN 978-99975-73-93-3. (48 саҳифа)

[22-М]. Ҳусейнзода С.Ҳ. Ҷиноятҳо ба муқобили тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқ [Матн]: воситаи таълимӣ / С.Ҳ. Ҳусейнзода [ва диг.]. – Душанбе: «Графика-83», 2020. – 100 с.; ISBN 978-99975-303-6-3.

[23-М]. Ҳусейнзода С.Ҳ. Ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ [Матн]: воситаи таълимӣ / С.Ҳ. Ҳусейнзода [ва диг.]. – Душанбе: «Нашри Муборизо», 2022. - 124 с.; ISBN 978-99985-0-025-9.

[24-М]. Ҳусейнзода, С.Ҳ. Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ [Матн]: китоби дарсӣ: дар III ҷилд. Ҷилди I / С.Ҳ. Ҳусейнзода [ва диг.] / Зери таҳрири умумии д.и.ҳ., дотсент Раҳимзода Р.Ҳ. (Муал. Боби I. – С. 13-33, Боби III. – С. 62-69, Боби V. – С. 76-86, Боби VII. – С. 108-134, Боби VIII. – С. 135-162, Боби IX. – С. 163-176, Боби XIX. – С. 330-344, Боби XX. – С. 345-361 ва Боби XXI. – С. 362-372). – Душанбе: «Нашриёти муосир», 2023. – 424 с.; ISBN 978-99985-900-7-6. (143 саҳифа)

[25-М]. Ҳусейнзода, С.Ҳ. Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми махсус [Матн]: китоби дарсӣ: дар III ҷилд. Ҷилди II / С.Ҳ. Ҳусейнзода [ва диг.] / Зери таҳрири умумии д.и.ҳ., дотсент Раҳимзода Р.Ҳ. (Муал. Боби XXIV. – С. 6-32, Боби XXV. – С. 33-202, Боби XXVI. – С. 203-266, Боби XXVII. – С. 267-307, Боби XXVIII. – С. 308-392, Боби XXIX. – С. 393-458 ва Боби XXXI. – С. 534-575). – Душанбе: «Нашриёти муосир», 2023. – 640 с.; ISBN 978-99985-900-7-6. (488 саҳифа)

[26-М]. Ҳусейнзода, С.Ҳ. Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми махсус [Матн]: китоби дарсӣ: дар III ҷилд. Ҷилди III / С.Ҳ. Ҳусейнзода [ва диг.] / Зери таҳрири умумии д.и.ҳ., дотсент Раҳимзода Р.Ҳ. (Муал. Боби XXXIV. – С. 60-93, Боби XXXV. – С. 94-158, Боби XXXVI. – С. 159-294, Боби XXXVIII. – С. 325-392, Боби XL. – С. 447-494 ва

Боби XLIII. – С. 658-682). – Душанбе: «Нашриёти муосир», 2023. – 688 с.; ISBN 978-99985-900-7-6. (372 саҳифа)

[27-М]. Ҳусейнзода, С.Ҳ. Ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ [Матн]: воситаи таълимӣ / С.Ҳ. Ҳусейнзода [ва диг.]. – Душанбе: «ЭР-граф», 2024. – 288 с.; ISBN 978-99985-879-8-4.

[28-М]. Хусейнзода, С.Х. Уголовное право России и Таджикистана. Общая часть [Текст]: учебник / С.Х. Хусейнзода [и др.] / Под ред. А.П. Дмитренко (Автор: Тема 5. – С. 64-70). – Москва: Московский университет МВД России имени В.Я. Кикотя, 2025. – 420 с.; ISBN 978-5-9694-1603-1. (6 саҳифа)

[29-М]. Ҳусейнзода, С.Ҳ. Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ [Матн]: воситаи таълимӣ / С.Ҳ. Ҳусейнзода [ва диг.]. – Душанбе: «ТоРус», 2026. – 120 с.; ISBN 978-99985-67-79-5.

ГОСУДАРСТВЕННОЕ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЕ УЧРЕЖДЕНИЕ ВЫСШЕГО ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ «АКАДЕМИЯ МВД РЕСПУБЛИКА ТАДЖИКИСТАН»

На правах рукописи

УДК: 343.2/.7+343.9 (575.3)
ББК: 67.99 (2) 93+67.99 (2) 8 (2таджик)
Х – 94

ХУСЕЙНЗОДА СИНО ХОТАМИ

СУБЪЕКТ ПРЕСТУПЛЕНИЯ: ВОПРОСЫ ТЕОРИИ, ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА И ПРАКТИКИ

АВТОРЕФЕРАТ
диссертации на соискание ученой степени кандидата юридических наук по специальности 5.5.8. Уголовное право и криминология; уголовно-исполнительное право

ДУШАНБЕ – 2026

Диссертация выполнена на кафедре уголовного права, криминологии и психологии факультета №2 Академии Министерства внутренних дел Республики Таджикистан.

Научный руководитель: **Насуриён Пулод Асадулло –** кандидат юридических наук, доцент, начальник Академии Министерства внутренних дел Республики Таджикистан.

Официальные оппоненты: **Азиззода Убайдулло Абдулло** – доктор юридических наук, профессор, заведующий кафедры теория и история государства и права юридического факультета Таджикский Национальный Университет;

Шерализод Самиаллохи Махмадсаид – кандидат юридических наук, старший преподаватель кафедры права факультета права и таможни Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана

Ведущее учреждение: Государственное образовательное учреждение высшего профессионального образования «Таджикский государственный университет финансов и экономики» (г. Душанбе).

Защита диссертации состоится «23» майя 2026 г., в 09:00 часов на заседании диссертационного совета 6D.КОА-019 при Таджикском национальном университете (734025, г. Душанбе, ул. Буни Хисорак, корпус 11, 1 этаж, зал диссертационного совета юридического факультета).

С диссертацией можно ознакомиться на сайте www.tnu.tj и в Центральной научной библиотеке Таджикского национального университета по адресу: 734025, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17.

Адрес: 734025, г. Душанбе, проспект Рудаки 17, E-mail: qobil9498@mail.ru Тел: 98-894-94-05.

Автореферат разослан: «____» _____ 2026 года.

Ученый секретарь диссертационного совета,
кандидат юридических наук **Мирзозода К.Х.**

ВВЕДЕНИЕ

Актуальность темы исследования. Совершенствование норм уголовного законодательства Республики Таджикистан с учётом опыта и новых идей признаётся одним из основных направлений достижения целей, поставленных Правительством РТ в борьбе со всеми видами преступлений и современными угрозами и рисками. Основатель мира и национального единства – Лидер нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон в Послании «Об основных направлениях внутренней и внешней политики Республики», которое проходило от 16 декабря 2025 года, обратил особое внимание на то, что «Правовая система является фундаментальным инструментом для реализации национальных стратегических приоритетов, способствуя устойчивому развитию и укреплению государственного суверенитета и консолидации общества. Это требует постоянного и глубокого анализа правовой системы и выработки конкретных рекомендаций по её улучшению. Только так мы сможем эффективно реализовать важнейшие задачи и программы развития в ключевых сферах, и прежде всего, в экономике, социальной политике и культуре» [1]. Эта точка зрения находит своё отражение в Концепции правовой политики Республики Таджикистан, охватывающий период с 2018 по 2028 годы. Согласно данному документу, уголовное законодательство, будучи ключевым инструментом регулирования социальных взаимодействий, призвано гарантировать надёжную охрану прав и законных интересов как отдельных лиц, всего общества, а также государства, от всяческих преступных проявлений» [2].

Как мы полагаем, исходя из норм, установленных уголовным правом и ее доктрины, одним из институтов, требующих совершенствования, является институт субъекта преступления, по которому и проводилось диссертационное исследование.

Уголовно-правовой анализ института субъекта преступления в основном опирается на положения Уголовного кодекса Республики Таджикистан, в котором указаны признаки данного института. Вместе с тем, важные элементы, отражающие содержание признаков субъекта преступления, в уголовном законодательстве ан не закреплены.

Признаки субъекта преступления прошли исторический путь развития от принятия первых нормативных правовых актов – декретов Совета народных комиссаров РСФСР «О порядке утверждения и опубликования законов» от 30 октября 1917 года до вступления в силу

Уголовного кодекса Республики Таджикистан 21 мая 1998 года. Субъект преступления является одним из ключевых понятий в науке уголовного права. Несмотря на длительные научные изыскания, единая теоретическая концепция института субъекта преступления в уголовном праве большинством ученых-юристов до сих пор не сформирована. Разнообразие существующих подходов и трактовок указывает на то, что вопрос о содержании данного института остается дискуссионным и требует дальнейшего углубленного исследования в рамках современной уголовно-правовой доктрины. Сохраняющаяся множественность взглядов подчеркивает важность продолжения изучения субъекта преступления для развития уголовно-правовой науки.

Исследование научной концепции «субъекта преступления» стало предметом активного внимания юристов 1940-х годов середины XX века. В последующем важные аспекты этой теории нашли свое отражение в уголовном праве Советского Союза и Таджикской ССР, в том числе в Уголовном кодексе 1961 года. Однако в статье 22 УК РТ понятие «субъект преступления» не употребляется; вместо него установлено понятие «общих условий уголовной ответственности». Но в различных статьях УК РТ применяются другие выражения, которые отражают суть института субъекта преступления. К примеру, используется слово «преступник» (п. 5 ст. 35), словосочетание «лицо, совершившее преступление» (ст. 8 ст. 41 и др.), «виновное лицо» (п. «г» ч. 1, ч. 2 и 6 ст. 57, ч. 1 ст. 127), «осуждённый» (ч. 1 ст. 11(1), ч. 2 ст. 46 и др.). Однако, наряду с этим, словосочетание «субъект преступления» применяется в ст. 4 ст. 37 уголовного законодательства. В Уголовно-процессуальном кодексе Республики Таджикистан указывается на такие категории, как «подозреваемый», «обвиняемый», «подсудимый» и др., что также отражает аспекты института субъекта преступления в рамках процессуальных норм.

Согласно устоявшимся представлениям в уголовном праве, под субъектом преступления подразумевается индивид (лицо), обладающий физической природой и достигший возраста, с которого наступает уголовная ответственность, а также способный осознавать свои действия и руководить ими. Такое определение, закрепленное в нормативных актах и юридической литературе, именуется «общим субъектом преступления», акцентируя внимание на том, что указанные характеристики, такие как возраст и вменяемость, являются

необходимыми для признания лица субъектом уголовно наказуемого деяния (преступления). Если отсутствует хотя бы одно из этих условий, то есть, лицо не достигло установленного возраста либо не является вменяемым, то соответственно, отсутствует и субъект преступления, что, в свою очередь, влечёт отсутствие состава преступления. Действующее уголовное законодательство Республики Таджикистан признаёт субъектом преступления только физическое лицо, что соответствует традиционному для национального уголовного права подходу к основаниям привлечения к уголовной ответственности.

При этом, анализ научных трудов демонстрирует наличие дискуссии о возможности и целесообразности признания субъектами преступлений также и юридических лиц, соответственно, внесения соответствующих изменений в уголовное законодательство. Здесь необходимо сказать о том, что некоторые специалисты придерживаются точки зрения о необходимости расширения понятия «субъекта преступления». Кроме того, в XXI веке развитие цифровых технологий, в частности, искусственного интеллекта, оказало значительное влияние на социальную и правовую сферу. Интеллектуальные системы широко применяются в транспортной, медицинской, финансовой и сфере безопасности. Расширение использования подобных технологий повышает вероятность причинения ущерба интересам, охраняемым уголовным законодательством, посредством алгоритмов и самообучающихся систем, что обосновывает необходимость научного анализа и правовой оценки таких явлений с точки зрения уголовного права.

Хотя физическое лицо признаётся признаком субъекта преступления, само понятие «субъекта преступления» в УК РТ не закреплено. Из положений УК РТ следует, что физическое лицо выражено через такие категории, как гражданин РТ (ч. 1 и 4 ст. 15, ч. 1 ст. 16, ст. 305, ч. 1 и 2 ст. 323(1), ст. 401(1) УК РТ), иностранный гражданин (ч. 2 и 3 ст. 15, ч. 2 ст. 16, ст. 308 УК РТ), лицо без гражданства (ч. 2 ст. 16, ст. 308 УК РТ), лицо без гражданства, постоянно проживающее на территории РТ (ч.ч. 1 и 4 ст. 15, ст. 401(1) УК РТ), лицо без гражданства, не постоянно проживающее на территории РТ (ч. 2 и 3 ст. 15 УК РТ), не являющееся гражданином другого государства (примечание к ст. 401 УК РТ). При этом, понятие «физического лица», используемое в данном контексте, не

распространяется на граждан, имеющих двойное гражданство, так как подобное исключение не прописано в УК РТ.

Способность осознавать свои действия (вменяемость), будучи одним из неотъемлемых свойств личности и достижения возраста, определенного уголовным законодательством, является ключевым условием для признания лица субъектом преступления. Отсутствие хотя бы одного из этих условий делает невозможным существование субъекта преступления в юридическом смысле, поскольку он является обязательным компонентом состава преступления. Поэтому, если субъект преступления отсутствует, то действие не может быть квалифицировано как правонарушение, и уж тем более, как преступление, т.е., для наступления уголовной ответственности необходимо наличие вменяемого лица, достигшего установленного возраста.

При изучении исторического развития уголовного права и его тщательного анализа, автор пришел к выводу о том, что в уголовном праве Таджикистана, а также в уголовном законодательстве периода 1917–1998 годов, категория вменяемости в качестве самостоятельного юридического понятия формально не была закреплена. Однако, несмотря на отсутствие чёткого нормативного определения, вменяемость неизменно признавалась ключевой предпосылкой уголовной ответственности и неотъемлемым признаком субъекта преступления. Её содержание формировалось преимущественно на уровне доктринальных разработок и правоприменительной практики, где основное внимание уделялось фактической оценке психического состояния лица. Отсутствие развернутого юридического определения вменяемости в таких ключевых законодательных актах, как Основы руководства 1919 и 1924 годов, Уголовные кодексы РСФСР 1922 г., Узбекской ССР 1926 года, Таджикской ССР 1935 и 1961 годов, а также УК РТ 1998 года, привело к существенным пробелам в понятийном аппарате и породило неоднозначность в подходах к её трактовке.

Указанный аспект становится особенно важным из-за сложной природы вменяемости, которая характеризуется тесным переплетением юридической и медицинской оценок. Отсутствие четких нормативных определений сущности этих оценок, их взаимосвязи и рамок использования в различных обстоятельствах, безусловно, вызывает необходимость в осуществлении всестороннего, междисциплинарного исследования вменяемости как уголовно-правовой категории. Это

позволит добиться единообразного подхода к квалификации деяний и повысить степень предсказуемости в процессе применения правовых норм.

Однако в УК РТ впервые закреплено понятие «ограниченной вменяемости». На уровне законодательства установление нормы, связанной с ограниченной вменяемостью, стало результатом длительных научных дискуссий, которые в основном велись вокруг вопросов применения этой правовой новеллы. Институт ограниченной вменяемости в науке уголовного права относится к числу сложных и недостаточно изученных тем, не имеющих общепризнанных выводов. Вопрос ограниченной вменяемости долгое время исследовался фрагментарно, причём юристы в значительной степени опирались на достижения быстро развивающейся судебной психиатрии. И в современных условиях медицинский подход к данной проблеме в целом сохраняется.

Реализация принципа ограниченной вменяемости в правовой практике сопряжена с определенными сложностями. Дело прежде всего в том, что проблема заключается в размытости границ в определении видов психических отклонений, которые снижают, но не аннулируют вменяемость. Также затруднения возникают из-за необходимости установления длительности и глубины таких ограничений.

Невменяемость в теории уголовного права оценивается как противоположность вменяемости. Если исходить из той позиции, что «вменяемость проявляется через понятие невменяемости», то корректнее было бы утверждать, что «невменяемость проявляется через вменяемость», поскольку «состояние вменяемости» лица выступает решающим условием для установления его виновности в совершении преступления. Если лицо не могло понимать суть своего поведения или контролировать его из-за психических отклонений, умственной отсталости или иного болезненного состояния, он не будет считаться субъектом преступления. Когда общественно опасные деяния совершаются лицом в состоянии невменяемости, к нему применяются принудительные меры медицинского характера. Это обусловлено тем, что в таких ситуациях полностью исключается возможность привлечения к уголовной ответственности и назначения наказания, поскольку отсутствует необходимый элемент вины.

Еще одним, не менее важным признаком субъекта преступления признаётся достижение возраста, установленного уголовным законодательством. Возраст уголовной ответственности один из основополагающих факторов. Несмотря на это доктринальное понятие «возраст субъекта преступления» не закреплена в отечественном уголовном праве Кроме того, уголовное законодательство РТ устанавливает минимальный возраст уголовной ответственности, однако верхняя граница не определена, так как она формируется с учётом возрастных особенностей специального субъекта преступления. На сегодняшний день в уголовно-правовой доктрине устоялся концепт специального субъекта правонарушения, однако по сей день среди специалистов не сложилось общепринятого толкования и унифицированной системы классификации данного термина.

